# مفتاح الجنة لا إله إلا الله



# Ло илоҳа иллаллоҳ калиди Ҷаннат аст

تأليف محمد سلطان المعصومي الخجندي

المتوفى سنة ١٣٧٩ هـ

رحمه الله

**Муаллиф**

**Муҳаммадсултони Маъсумии Хуҷандӣ**

المترجم

شهاب الدين صالح التاجيكي

**Тарҷумон**

**ШАҲОБИДДИН СОЛИҲ**

## Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

## Муқаддимаи таҳқиқ

Ҳамду сипос барои Аллоҳ аст, Ӯро ҳамд мегуем ва аз Ӯ талаби ёрӣ мекунем ва аз Ӯ талаби мағфират мекунем ва ба Аллоҳ аз шарри нафсҳоямон ва аз амалҳои бадамон паноҳ мебарем, касеро Аллоҳ ҳидоят кунад, пас барои ӯ гумроҳкунандае нест ва касеро гумроҳ созад, пас барои ӯ роҳнамое нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки нест маъбуди ҳақ ҷуз Аллоҳи ягона, Ӯро шарике нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва расули Ӯст.

Аммо баъд: Ин рисолаи муфид дар ақида ва тавҳид ва баёни ваҷҳи дурусти он ду аст ва зикри он чизе ки ин дуро аз масъалаҳои бисёр хилоф мекунад, дар он оммаи мардум воқеъ шудаанд, аз хоссаи онҳо чӣ гӯй, бори дуюм онро баъди таълиқи латиф ва тахриҷи шариф ва ғайри ин аз чизҳое, ки дар мавзеаш ба қариби иншоал-лоҳ мебинӣ, барои чоп пешниҳод мекунам.

Китоб якум бор дар чашми муаллиф раҳимаҳуллоҳу таъоло ва дар ҳаёташ чоп шуд ва ин дар байни соли 1363-1374 ҳиҷрӣ буд, ҳамонгуна ки ба зуди тавзеҳаш меояд.

Ва қиссаи ин китоби нофеъи муборакро донистанам ин буд, ки рӯзе дар зиёрати хонаи шайхамон аллома муҳад-дис Муҳаммад Носириддини Албонӣ раҳимаҳуллоҳ бо баъзе бародарони бошараф будам ва дар вақти дарома-данамон дар китобхонаи боарзиши ӯ, ҳифзкардаҳои

онро тагурӯ мекардам ва захираҳои онро тафтиш мекардам ва ваҳте ман дар ин ҳол будам, ин рисоларо ёфтам ва бар саҳифаи якумаш ба ранги кабуд ба хатти муаллиф раҳимаҳуллоҳ навишта шуда буд:

Ҳадия аз тарафи муаллиф, ёдовари ба ҳазрати бародари дар роҳи Аллоҳ шайх Носириддини Албонӣ хирадманд, 22/12/1374 ҳиҷрӣ, Тоиф.[1] Сипас китобро аз шайхамон раҳимаҳуллоҳ орият гирифтам ва бар иодаи чопаш қасд кардам, то фоидааш ом ва паҳн гардад. Ва дар охир: Эй бародари хонанда, ин амали ман дар пешат аст, пас агар ба савоб расида бошам, пас аз тавфиқи Аллоҳ барои ман аст ва агар хато кардам, пас аз заъф ва кутоҳии ман аст. Ва аввалу охир ва зоҳирану ботинан ҳамду ситоиш барои Аллоҳ аст.

Инро Абӯлҳорис Алӣ ибни Ҳасан ибни Алӣ
7/рабеъ-ул-охир/1406 ҳиҷрӣ навистааст[2].

---

[1] Таърихи тамом кардани муаллиф аз таълифи китобаш, ҳамонгуна ки дар охираш аст, соли (1363 ҳиҷрӣ) буд.

[2] Чопи якумам барои ин рисола бист сол пеш буд. Аз Аллоҳ таъоло устувори бар имон ва хотимаи некро мепурсам.

# Гушае аз ҳаёти муаллиф раҳимаҳуллоҳ

Ӯ Абӯабдулкарим ва Абӯабдурраҳмон Муҳаммадсултон ибни Абӯабдуллоҳ Муҳаммадурун ибни Муҳаммад Мирсайид ибни Абдурраҳим ибни Абдуллоҳ ибни Абдуллатиф ибни Муҳаммад ибни Маъсум, шуҳраташ: Маъсумӣ Хуҷандӣ аст.

Нисбаташ ба Маъсумӣ: Ба бобои олитараш Муҳаммад Маъсум аст.

Ва нисбаташ ба Хуҷандӣ: Ба шаҳри Хуҷанд[1] аз шаҳрҳои Мовароуннаҳр бар соҳили Сайҳун аст.

Соли (1297 ҳиҷрӣ) дар Хуҷанд дар хонаи дин ва фазл ба дунё омадааст. Аввал илмро аз волидайнаш омӯхт, сипас илмҳои арабӣ, фалсафа, мантиқ, тавҳидро бар шайхҳо: Муҳаммадивази Хуҷандӣ ва Абдурразоқи Марғенонӣ, Бухорӣ омӯхт.

Ва вақте ба бисту се солагӣ расид, бар вай аломатҳои таҳқиқ ва илмҳо намудор шуд, пас аз илм ва дироят ғалатҳои тақлидкорон ва таноқузоти онҳоро кашф кард, пас инро ошкоро рӯзона эълон кард, ки боиси бар алайҳи ӯ барангехтани мутаассибон гашт, пас ҳоли ӯро расо танг карданд.

[1] Мӯъҷам-ул-балдон, (2/347) ва дар васфи он Ибни Фақеҳ барои марде аз аҳли он нақл кард: ولم أر بلدة بإزاء شرقٍ    ولا غرب بأنزه من خجنده Шаҳреро дар шарқу ғарб тозатар аз Хуҷанд надидам. Ва Ҳимярӣ дар "ар-Равз-ул-меътор" номашро ба Ҷуханда бар пеш овардани ҳарфи ҷим бар ҳарфи хо иштибоҳ кардааст.

Дар натиҷаи он чи гузашт, муаллиф ночор баъди чанд сол ба дин ва даъваташ ба сӯи Ҳиҷоз сафар кард, ин дар моҳи шавволи соли (1323 ҳиҷрӣ) буд ва дар Макка дар аввали моҳи зулҳиҷҷаи худи ҳамон сол расид, пас мавсими ҳаҷро дарёфт.

Ва дар Ҳарамайни шарифайн илмҳои набавиро омӯхт ва бар шайхҳои калон хонд, монанди шайх Шуъайб ибни Абдурраҳмони Мағрибӣ ва шайх Муҳаммадсаъиди Бобасил ва шайх Абдуллоҳи Қадумӣ ва шайх Аҳмади Барзанҷӣ ва дигарон ва ҳамагӣ ба ривояткардаҳояшон ӯро иҷозат доданд.

Сипас ба сӯи Димашқи Шом сафар кард ва шайхҳои онро вохӯрд, монанди шайх Бадриддини Ҳасанӣ ва шайх Абӯлхайр ибни Обиддин ва ғайрашон.

Ва сафарашро идома дод, пас ба Берут сафар кард, сипас ба Қудс, пас ба Миср ва аҳли илми ҳар кадоми ин шаҳрҳоро дар ҳоли фоидадиҳанда ва фоидагиранда вохӯрд.

Сипас ба сӯи аҳл ва шаҳраш бозгашт, пас дар онҷо Муфтии маҳкамаҳои шаръӣ таъйин карда шуд, ин соли (1328 ҳиҷрӣ) буд.

Соли (1342 ҳиҷрӣ) дар саршавии инқилоби комунистӣ дар Русиё зиндон шуд, сипас Аллоҳ таъоло ӯро наҷот дод ва баъди он ду сол зиндон шуд, боз Аллоҳ таъоло ӯро наҷот дод.

Баъди ин Хуҷандро тарк кард ва ба сӯи Марғенон сафар кард ва дар он қозӣ таъйин шуд ва локин мусибат бар ӯ сахт шуд, пас бар алайҳи ӯ ҳукми қатл ба парондан содир шуд, магар ки ӯ ба сӯи Хитой гурехт ва ин соли (1347 ҳиҷрӣ) буд ва дар онҷо чанд сол зиндагӣ кард.

Ва аз Хитой ба сӯи Маккаи мушаррафа гашт, пас дар он дар моҳи зулқаъда соли (1353 ҳиҷрӣ) расид ва дар Масҷиди Ҳаром ва Дор-ул-ҳадиси Макка мударрис кор кард.

Таълифҳои бисёр дорад[1], аз ҷумла китобҳои зерин аст:

1-Ҳадият-ус-султон ило қурро-ил-Қуръон.

2-Санад-ул-иҷоза литолиб-ил-ифода.

3-Рафъ-ул-илтибос фи амр-ил-Хизр ва Илёс.

4-ал-Мушоҳадот-ул-Маъсумия инда қабри хайр-ил-бария.

5-Ҳабл-уш-шаръ-ил-матин.

Ва ғайраш бисёр аст.[2]

Соли 1379 ҳиҷрӣ ӯ раҳимаҳуллоҳ вафот кард.

Муаллиф тарҷумаи худашро дар иловаи китобаш "Ҳукмуллоҳ-ил-воҳид-ис-самад фи ҳукм-ил-толиби мин-ал-майити ал-мадад" (47-96) зери унвони "Мухтасару

---

[1] Баъзеи онро ба дасташ ба шайхамон Албонӣ, бар он ба хатташ нависта ҳадя додааст, монанди: Ҳадият-ус-султон ило муслии билод-ил-Ёбон.

[2] Ва фарзанди муаллиф Абдурраҳмон номҳои таълифҳои падарашро дар хотимаи китобаш: Аҳд-ул-ҷавҳар-ус-самин (220-228) шуморидааст, пас қариб ба сад расидааст.

тарҷумати ҳоли Муҳаммадсултон" ва дар муқаддимаи китобаш "Ҳабл-уш-шаръ-ил-матин" (14-16) дар матбааи салафия соли (1375 ҳиҷрӣ) чоп шудааст, нависта аст. Ва бародари калон шайх Муҳаммад Иди Абосӣ, Аллоҳ ӯро қувват диҳад, дар "Бидъат-ут-таассуб-ил-мазҳабӣ" (274-276) тарафе аз тарҷумаи ҳоли ӯро аз рисолаи хатӣ аз олимақоми Ҷидда шайх Муҳаммаднасиф раҳимаҳуллоҳ нақл карда аст.

❁ ❁ ❁ ❁ ❁

## Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

# Пешгуфтори муаллиф

Ҳамду сипос барои Аллоҳ, ки калиди Ҷаннат "ло илоҳа иллаллоҳ"[1]-ро гардонид ва дар моддаи он ихлос ва мунтаҳои яқинро шарт гузошт ва барои ин калид дандонҳои маълуме қарор дод ва ҳамагиро дин номид. Ва ба ростӣ ин динро комил кард ва онро пурра ба итмом расонид, пас касе ба он чизе илова кунад, ки дар асри нозил шудани Қуръон набуд, пас ӯ Аллоҳ ва расулашро дурӯғгӯ карда ва муртакиби гуноҳи бузурге шудааст. Ва дар ду дунё хасорату зиёни ошкор дида, пас он чиро ки навоварӣ кардааст, бар ӯ радшудааст ва агарчи онро нек пиндорад ва онро нек анҷом диҳад.

Пас, эй хасорати мубтадиъи фирефташудаи шефта, ки ӯро ҳавову нафсаш ё шайтону шайхаш мағрур карда, пас ӯ умрашро зоеъ кардааст. Пас, эй хасорати касе ки ҳолаш чунин аст, пас ӯ аз ҳавзи Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам "Кавсар"[2] ронда мешавад ва Расулуллоҳ сал-

---

[1] Таълиқи муаллиф дар баёни ин ва шарҳаш ба зуди меояд.

[2] Кавсар номидани он дар фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: "Кавсар наҳрест дар Ҷаннат ду канори он тилло аст" омадааст. Ва ҳадиси саҳеҳ аст. Инро Аҳмад (5913) ва Дорамӣ (2/337) ва Тирмизӣ (3358) ва Ибни Моҷа (4334) ва Бағавӣ (4341) аз Ибни Умар ривоят кардаанд.

лаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳаққашон мефармояд: **"Инҳангом, пас дур шавед-дур шавед"**[1].

Ва мизону меъёри ин калид ҳамон чизест, ки сайиди мо Муҳаммад Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба он омадааст ва он китоби Аллоҳ, Қуръон ва суннати дурусти Расулуллоҳ, ки айёнан дар китобҳои аҳли илм ва ирфон собит аст, мебошад.

Аммо мубтадиъон ба нек донистани ақлҳои кутоҳашон, балки фосидашон ё қиёсҳои[2] беарзиши ботилашон бар он чизе ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам оварда буд, чизҳое аз рӯи ақида, миқдор, кайфият (чигунагӣ) афзуданд. Баъзеи аҳли бидъат калидро бузург карданд ва баъзеашон дандонҳо зиёд карданд ё онро кач карданд, ки калид дар қулф мувофиқ намеояд, пас қулф аслан кушода намешавад ва на дар кушода мешавад ва баъзеаш гоҳо ба ниҳояти хастагӣ ва муоличаи бисёр кушода мешавад, пас агар калиду қулф ба асоси худ боқӣ гузошта шавад, ҳароина қулф аз аввали амр кушода мешавад, ҳамчуноне ки дар шаъни ҳафтод ҳазоре, ки Ҷан-

[1] Ҳамчуноне ки дар ривояти Бухорӣ (11/412) ва Муслим (2290) ва Аҳмад (5/333) аз Саҳл ибни Саъд омадааст.

[2] Истеҳсону қиёс аз истилоҳи усулиҳост, ки истеъмоли онҳо дар ибодатҳо ғолибан ба нававарӣ дар шариат ва дар дин мерасонад ва баёни инро дар мавзеаш назар карда мешавад ва ба зуди муаллиф чизе қариб аз инро шарҳ медиҳад.

нат, Дори салом аввали дохил шудан беитоб ва беҳисоб дохил мешаванд[1].

Ва локин мубтадиъонро нафсҳояшон ташвиқ кард ва ҳар он чизеро ки нек дидан, онро дин ва савоб эътиқод карданд ва ҳол ин ки дин он чизест, ки инсон ба он ҷазо дода мешавад ва аҷри онро аз Молики рӯзи ҷазо (Аллоҳ) талаб мекунад. Ва аҷру савоб дар назди Молики рӯзи ҷазост, аслан дар назди касе ҷуз Ӯ намебошад.

Вақте амр инчунин собит бошад, пас ягон кас ҳақ надорад, ки дине бигирад ё шаръе гузораду гӯяд: Ин фарз ё суннат ё мустаҳаб аст, ё фазлу савоб дорад, магар ҳаргоҳ, ки аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба таври саҳеҳ собит бошад[2], чаро ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз рӯи хоҳиши нафсаш сухан намекунад, балки аз ваҳйи Парвардигори оламиён, ки Ӯ молики рӯзи ҷазо аст, сухан мекунад. Пас касе ибодат ё тоат ё зикреро исбот кунад, ки он ибодатҳо ё зикрҳо аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ворид нашудааст ва бо вуҷуди ин эътиқод кунад, ки дар он аҷру савоб аст, пас беҳуҷҷат

---

[1] Ин ҳадисро Бухорӣ (11/359) ва Муслим (216) аз Абӯҳурайра ривоят карданд ва дар ин боб аз Саҳл ибни Саъд ва Абӯумома ва дигарон ривоят омадааст.

[2] Дар ин рад бар баъзе аст, ки далеловарӣ ба ҳадиси заифро дар фазоили амалҳо ё дар тарғибу тарҳиб ҷоиз мепиндоранд. Ва рисолаи ман "ат-Таъриф би аҳком-ил-амал билҳадис-из-заиф"-ро назар кун! Аллоҳ тамом ва нашр кардани онро муяссар гардонад.

даъвое дорад ва ин қатъан ботил аст, балки он ширк[1] ё бухтон аст, зеро ки он беҳуҷҷат қонун содир кардан аст, ҳамчуноне ки бар ҳар шахсе ки Аллоҳ таъоло ақли солим ва фаҳми рост додааст, пӯшида намебошад.

Барои ин Аллоҳ таъоло ва расулаш Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва инчунин халифаҳои раҳнамо разияллоҳу анҳум моро аз нававарии дар дин ҳушдор додаанд ва мубтадиъонро ваъдаи азоби сахт додааст, моро Аллоҳ таъоло аз ширк ва аз бидъатҳои дар дин нигаҳ дорад[2].

[1] Ҳаргоҳ инро ҳалол шуморад, дар ҳоле ки барои худаш ҳаққи қонунгузориро ҷоиз эътиқод кунад, ё бар навъе аз анвоъи куфри акбар бошад, ки дар назди олимони аҳли суннат маъруф аст.

[2] Дар замони қадим ва ҳозир китобҳои бисёре дар баёни бидъатҳо ва радди онҳо таълиф шудааст, аз ҷумлаи он: "ал-Бидаъ ва-р-радду анҳо"-и Ибни Вазоҳ ва "ал-Ҳаводис ва-л-бидаъ"-и Туртушӣ ва "Эътисом"-и Шотибӣ ва "ал-Боис ала инкор-ил-бидаъ ва-л-ҳаводис"-и Абӯшома ва ғайраш бисёр аст. Ман дар ин мавзӯъ китобе ба унвони "Илму усул-ил-бидаъ" дорам, чопшудву дастрас аст.

## (1)
## Сабаби дохил шудани бидъатҳо ва ширк дар дин

Бидон, ки сабаби дохил шудани бидъатҳо дар дин аз ду ваҷҳ аст:

**Якум: Қиёс ва гумони нек**. Пас бисёри некӯкорон гумонашонро дар ашёе нек донистанд, пас чизҳое ихтироъ карданд ва ашёро ба ашё қиёс карданд. Ва ҳоло он ки қиёс дар умури динии тааббудӣ (бандагӣ, ибодат) дохил намешавад, чаро ки бинои ибодатҳо бар пайравӣ аст, на бар навоварӣ. Пас дар қиёс ва гумони некашон хато карданд, пас онҳо дар ин ба хотири қасди некашон маъзур ҳастанд.[1]

Ва гумон бурда мешавад, ки онҳо ҳаргоҳ бар ин огоҳ карда шаванд, боз мегарданд ва тавба мекунанд, ҳамонгуна ки аз бисёри онҳо ривоят шудааст.

Ҳамчуноне ки Аллоҳ таъолоро ба подшоҳон қиёс карданд ва он чизе ки дар назди Аллоҳ аст ба он чизе ки дар назди подшоҳон аст, қиёс карданд, пас ба гирифтани василаҳо ва шафоатгарҳо қоил шуданд, пас хатои зиште карданд.[2]

[1] Ҳамчуноне ки Шайхи Ислом Ибни Таймия дар "Иқтизо-ус-сирот-ил-мустақим" (саҳ: 298) гуфтааст.
[2] Инро шайхамон аллома Албонӣ дар "ат-Тавассул" (саҳ: 134) шарҳу тавзеҳ дода аст, пас муроҷиат карда шавад.

Сипас касоне ки баъди онон омаданд, онҳоро пайравӣ карданд, пас дар лой намиро афзуданд. Ва бисёри онон бар он чизе ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст, огоҳӣ надоранд ва маъноҳову мақсадҳои Қуръонро намедонанд ва инчунин ҳадисҳои саҳеҳро. Ва бештари онон қудрати ҷудо кардани байни ҳадисҳои саҳеҳи собит ва байни заифро надоранд, балки ҳадисҳои сохтаро, пас ба ҳадисҳои заиф ва мавзӯъ (бофта) чанг мезананд ва онҳо ҳис намекунанд.[1]

Албатта монанди ин дар мусалмонон бисёр шуд, чаро ки бисёри мушрикон ва маҷус[2] аз бароҳима[3], ҳиндиҳо, буддоиҳо[4] ё яҳуд ва насоро дар дини Ислом гурӯҳ-гурӯҳ дохил шуданд ва баъзеашон донишмандони моҳир дар илмҳои динашон ва ҳакимону файласуфҳо[5] буданд.

---

[1] Худи муаллиф раҳимаҳуллоҳ дар ин воқеъ шудааст, ҳамчуноне ки аз рӯи таълиқ баёнаш ба зуди меояд. Ва сарчашмаи эътимод карданаш бар саҳеҳ гуфтани баъзе муҳаддисоне ки осонгирӣ кардаанд, Аллоҳ таъоло онҳоро раҳмат кунад, пас тақозои танбеҳ кард!

[2] Маҷус пайрави дини Зардушт, габр, оташпараст. (Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ҷилди: 1, саҳ: 818)-ро назар кун! "Тарҷумон".

[3] Бароҳима ҷамъи бараҳман, бараҳман-рӯҳонии ҳиндувон, пайрави бараҳмания. Бараҳмания-яке аз динҳои қадимтарини ҳиндуён. (Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди: 1, саҳ: 139 ва саҳ: 150)- ро назар кун! "Тарҷумон".

[4] Буддоия яке аз қадимтарин динҳои ҷаҳонӣ, ки муассиси он Буддо (асрҳои 6-5 то м.) мебошад ва буддоия дар Ҳиндустон,Хитой,Япония, Ҳиндухитой ва дигар мамлакатҳои шарқи Осиё паҳн шудааст. (Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди: 1, саҳ: 250)-ро назар кун! "Тарҷумон".

[5] Фалсафа дарди сахт аст, ки ақидаҳои бисёри диндоронро, ки фалсафаро ба хотири ҳифзу ҳимояти динашон ба гумонашон таълим гирифтанд, фосид кард.

Ва аз Ислом баъзе зоҳирҳои онро омӯхтанд, монанди "Ислом бар панҷ поя бино шудааст" то охираш[1], ва онҳо илми ҳақиқати он чизеро, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба он омада буд, надоштанд, пас илмҳои аввалашонро ба илмҳои исломӣ омехта карданд, пас дар умури динӣ файласуфӣ карданд, пас инро ба он омехтанд. Ва онҳо аз рӯи илми камашон ба мақсадҳои шариат дар ҳақиқат ба зиштии он чи карданд, эҳсос накарданд. Пас касе ки баъди онон омад ва чизи омехташударо гирифтанд ва ин пахш ва овоза шуд, то ки амр то ҷое расид, ки аз ширкиёт, бидъатҳо, гумроҳиҳо, ботилҳо ва хаёлҳои беарзиш монанди ҳозир кардани сурати шайх дар зеҳн дар вақти зикр ва муроқабат[2] ва ба арвоҳи мурдагон таваҷҷӯҳ кардан ва бар қабрҳои онон нишастан ва барои онон назр кардан ва аз онон мадад хостан ва дигар балоҳову ботилҳо, пас огоҳ шав!

**Ва ваҷҳи дуюм:**[3] Бисёри душманони Ислом аз яҳуд, насоро, мушрикон, маҷус ва ғайрашон вақте пирӯзии Ислом ва давлати аҳли онро диданд, ки аз рӯи қувват, зиёд-

---

[1] Шояд ӯ ба сӯи шайх Абӯлҳудои Сайёдӣ ишора мекунад, чаро ки ӯ китоби (Завъуш-шамс фи қавлиҳи "буни-ял-Ислому ала хамс") дорад, ҳамчуноне ки дар "ал-Аълом" (6/94) омадааст. Ва муаллиф бо Абӯлҳудои мазкур ҷавлае дорад, онро дар китоби "Ҳукмуллоҳ-ил-воҳид-ис-самад" дар саҳ: (54-55) зикр кардааст, пас шояд, ки сабаби ин ишора дар инҷо он бошад.

Аммо ҳадисро Бухорӣ (1/49) ва Муслим (1/45) аз Ибни Умар ривоят кардаанд.

[2] Аз муосирон касе, ки ба ин фикрат мутаассир шуд, шайх Ҳасани Бано аст, ҳамчуноне ки дар "Маҷмӯаи расоил"-аш (саҳ: 377) аст, пас андеша кун!

[3] Аз асбоби дохил шудани бидъатҳо дар дин.

шавӣ ва ошкору мунташир шудан зиёд гаштааст ва аз муқовимати зоҳирӣ оҷиз омаданд, худашонро дар Ислом даровrouterданд ва ба зиннати мусалмонон худро зиннат доданд ва илова бар ин зуҳд, тарки ашёи зебо, илм, вараъ ва тақворо ошкор карданд. Ва дар шаҳрҳои мусалмонон мунташир шуданд ва бо мусалмонон зиндагӣ карданд, пас даст ёфтанд, ки дар мусалмонон онеро, ки аз ширкиёт ва гумроҳиҳо имкон доштанд, дохил карданд ва онҳоро тариқат, ҳақиқат[1], тасаввуф, ботин номиданд, монанди латоифи панҷгона[2] ва муробитаи сурати шайхи мураббӣ ва ба сӯи қабраш таваҷҷӯҳ кардан ва барои ӯ назр кардан ва аз ӯ мадад хостан ва ин ки он бар он чизе қудрат дорад, ки зиндаҳо қудрат надоранд, барои холӣ шудани рӯҳаш аз ин ҷасади фонӣ, пас монанди шамшери бурандаи берун аз ғилоф аст[3], ва барои Аллоҳ таъоло бандагоне аз башар аст, ки Аллоҳ таъоло умури бандагонаш ва шаҳрашро ба онҳо супорида аст. Ва онон абдол, ақтоб, нуҷабо, ағвос[4] ва ҳамонанди онон номида мешаванд ва онҳо мардони ғайб ҳастанд, пас касе ба онҳо паноҳ барад ва ба онон фарёдрасӣ кунад, талабҳояшро ба

[1] Ва боз ба ин шайх Ҳасани Бано раҳимаҳуллоҳ мутаассир гаштааст, ҳамчуноне ки дар "Маҷмӯъаи расоил"-аш (274) омадааст ва каломашро шайх Саъид Ҳаво дар "Тарбиятуно ар-рӯҳия" шарҳ дода, пас дар лой намиро афзудааст!!!

[2] Аз истилоҳҳои суфия аст ва он: Қалб, рӯҳ, сир, хафӣ ва ахфо (пӯшидатар)! Ҳамчуноне ки муаллиф ба зуди онро шарҳ медиҳад.

[3] Аз хонааш бардошта шудааст.

[4] Ин мартабаҳои вилоят дар назди суфиҳо аст.

даст меорад ва онҳо ӯро ба олитарин дараҷаҳои камол, ҷамол ва бузургӣ мерасонанд. Ва касе ононро инкор кунад ё он чи аз онон содир мешавад, инкор кунад, пас ӯ аз маҳрумҳои ҳалокшуда аст. Ва ин ки ягон кас ба сӯи Аллоҳ таъоло намерасад, магар ба воситаи онон ва ба супурдани умур ба онон ва онон монанди вазирҳои подшоҳон ва наздикони султонҳо ҳастанд. Ягон кас имкон надорад, ки ба малик бирасад ё аризаашро ба ӯ пешниҳод кунад, магар ба воситаи онон, пас мардум ин васвасаҳоро қабул карданд, пас дар миёни халқ пахшу овоза шуд, пас шайтон мақсади бузургашро ба даст овард, огоҳ бош, он ширки акбар аст, ки Аллоҳ таъоло аслан онро мағфират намекунад.

Ва мисолҳои ин бисёр аст, олимони муҳаққиқ дар китобҳояшон онро баён кардаанд, пас эй толиби ҳақ бар ту мутолиаи китобҳои муҳаққиқон[1] ва фаҳмидани он чизе ки дар он аст ва истифода бурдани ақл ва тарки тақлид ва таассуби мазҳаб ё гурӯҳ ё тариқат лозим аст. Пас тақлиди[2] ғайри маъсум аз надидани басират содир мешавад ва ба ботилҳо ва ваҳмҳои онон мағрур машав!

Туро мебояд, ки ба ҳар он чизе ки Муҳаммад Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам овардааст чанг бизанӣ

---

[1] Монанди таълифҳои Шайхи Ислом Ибни Таймия ва шогирдаш Ибни Қайим раҳимаҳумаллоҳ.

[2] Китоби: "Ҳал-ил-муслим мулзамун битибоъи мазҳаби муайян?"-и муаллиф раҳимаҳуллоҳро назар кун!

ва амал кунӣ, пас ҳаргиз ба ҳавлу қуввати Аллоҳ ҳалоку гумроҳ намешавӣ.

(2)

Эй бародари дар роҳи Аллоҳ азза ва ҷалла бидон, ки дандонаҳои калид комил шуда ва адад, қадр, вазн ва шакли он аз рӯи миқдор ва кайфият (чигунагӣ) ба воситви шахсе ки бар Ӯ китоб нозил шуд, баён шудааст. Ва он шахс сайиди мо Муҳаммад Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, пас барои ягон кас ба ягон аҳвол ҷоиз намебошад, ки бар он чизе ки паёмбар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам овардааст, чизе зиёд намояд ва касе чизе зиёд кунад, пас ба ростӣ аз ҳад гузашта ва зулм кардааст. Пас барои ин таҳдиди сахт ва ваъдаи устувор ба азоби касе, ки дар дин чизе зиёд мекунад, омада аст. Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар дод, ки он бар ӯ рад карда мешавад[1] ва шакке нест, ки беҳтарини роҳнамоӣ роҳнамоии Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва бадтарини умур пайдошудаи он аст ва ҳар навоварӣ бидъат ва ҳар бидъат гумроҳӣ аст ва ҳар

[1] Ин фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст: "Касе дар ин дини мо пайдо кунад, он чизеро, ки аз он нест, пас он радшуда аст". Инро Бухорӣ (2697) ва Муслим (1718) ва Аҳмад (6/73 ва 270) ва Абӯдовуд (4582) ва Ибни Моҷа (14) ва Доруқутнӣ (4/244 ва 225 ва 227) ва Байҳақӣ (10/119) аз Оиша "разияллоҳу анҳо" ривоят кардаанд.

гумроҳӣ дар оташ аст, ҳамчуноне ки дар муқаддимаи "Саҳеҳи Муслим"[1] аст.

Ва ба таҳқиқ Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿ وَمَآ ءَاتَىٰكُمُ ٱلرَّسُولُ فَخُذُوهُ وَمَا نَهَىٰكُمۡ عَنۡهُ فَٱنتَهُواْ ﴾ الحشر: ٧ **"Ва он чи ки Расулуллоҳ ба шумо бидиҳад онро бигиред ва аз он чи ки шуморо аз он наҳй кардааст, худдорӣ кунед"**. (Сураи Ҳашр, ояти: 7)

Ва Аллоҳ азза ва ҷалла фармуд:

﴿ قُلۡ إِن كُنتُمۡ تُحِبُّونَ ٱللَّهَ فَٱتَّبِعُونِي يُحۡبِبۡكُمُ ٱللَّهُ ﴾ آل عمران: ٣١ **"Бигӯ агар Аллоҳро дӯст медоред, пас маро пайравӣ кунед, то Аллоҳ шуморо дӯст бидорад"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 31)

Ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Яке аз шумо мӯъмин намебошад, то ки хоҳиши нафсаш пайравӣ он чи ман овардаам бошад"**.[2]

---

[1] Он дар муқаддимаи Муслим нест, онро дар Саҳеҳаш (3/11) то қавлаш: "Ва ҳар навоварӣ бидъат аст" аз Ҷобир ривоят кардааст. Ва аз ӯ Аҳмад (3/371) ва Байҳақӣ дар Сунанаш (3/214) ба монанди ӯ ривоят карданд. Ва Насоӣ (1/234) афзуд: "Ва ҳамаи залолат дар оташ аст" ва иснодаш саҳеҳ аст ва "Хутбат-ул-ҳоҷат", (саҳ: 26)-и шайх Албониро назар кун! Пас дар он тахриҷу баёни зиёд аст.

[2] Инро Ибни Абӯосим дар "Суннат" (15) ва Хатиб дар "Таърих"-аш (4/369) ва Бағавӣ дар "Шарҳи суннат" (1/212) ва Ибни Ҷавзӣ дар "Зам-ул-ҳаво" (саҳ: 18) аз Абдуллоҳ ибни Амр ба санади заиф ривоят кард. Дар он се иллат аст, онро Ҳофиз Ибни Раҷаби ҳанбалӣ дар "Ҷомеъ-ул-улум ва-л-ҳикам" (саҳ: 364) зикр кард ва он иллатҳои зерин аст:

1-Заъфи Наъим ибни Ҳамод.

2-Изтироб.

3-Инқитоъ (санад пайваста нест).

Ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Дар миёни шумо ду амрро тарк кардам, ба он ду чанг занед ҳаргиз гумроҳ намешавед, он ду: Китоби Аллоҳ ва суннати ман аст, пас он дуро ба дандонҳои курсӣ газед".**[1]

Ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Касе аз шумо баъди ман зиндагӣ кунад, пас ба зудӣ ихтилофи бисёрро мебинад, аз умури навпайдо дур шавед, пас он гумроҳӣ аст, пас касе аз шумо инро дарёфт, пас бар ӯ лозим аст, ки ба суннати ман ва суннати халифаҳои роҳнамо чанг занад, суннати маро ба дандонҳои курсӣ газед[2]".**[3]

Ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Ба зуди уммати ман ба ҳафтоду се гурӯҳ ҷудо мешавад, ҳамааш дар оташ аст ба ҷуз як гурӯҳ. Гуфта шуд: Эй Расулуллоҳ, онҳо кӣ ҳастанд?! Фармуд: Онҳо касоне**

---

[1] Ин ҳадисро ба ҷуз гуфтааш: "пас он дуро ба дандонҳои курсӣ газед" Ҳоким (1/93) ривоят кард ва аз тариқи ӯ Байҳақӣ дар "Сунанаш" (10/114) ривоят кард. Ва Молик ба таври мӯъзал дар Муватта (4/246-Зарқонӣ) ривоят кард. Ва ба лафзи он Ибни Абдулбар дар "Ҷомеъ" (2/11, 24) ривоят кард ва дар санадаш Касир ибни Абдуллоҳ аст ва ӯ сахт заиф аст ва барои он аз ҳадиси Анас шоҳид аст, онро Абӯшайх дар "Табақоту исфаҳонийин" (саҳ: 279-Махтутат-уз-зоҳирия) ривоят кард, ҳамчуноне ки шайхамон дар "Силсилат-ус-саҳеҳа" (4/Т) гуфтааст.

[2] "Ба дандонҳои курсӣ газед", инро барои чизе гуфта мешавад, ки шоистаи ба он чанг задан аст. (Тарҷумон)

[3] Ин ривояти ба маънои ҳадис аст, ки онро Аҳмад (4/126 ва 127) ва Абӯдовуд (4607) ва Тирмизӣ (5676) ва Ибни Моҷа (42) ва (43) ва Дорамӣ (1/44) ва Ҳоким (1/95) ва Байҳақӣ (10/114) ва Ибни Ҳиббон (102-Маворид) ва Бағавӣ дар "Шарҳи суннат" (1/205) аз Ирбоз ибни Сория ба санади саҳеҳ ривоят карданд.

**ҳастанд, ки бар он чизе ки ман ва ёронам ҳастем амал мекунад".**[1]

Ва дигар ҳадисҳои саҳеҳ ва ҳасан.

Ва чизе ки ҳақиқатро возеҳ мегардонад, фармудаи Аллоҳ таъоло дар сураи Фуссилат аст:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ قَالُواْ رَبُّنَا ٱللَّهُ ثُمَّ ٱسۡتَقَٰمُواْ تَتَنَزَّلُ عَلَيۡهِمُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ أَلَّا تَخَافُواْ وَلَا تَحۡزَنُواْ وَأَبۡشِرُواْ بِٱلۡجَنَّةِ﴾ فصلت: ٣٠

**"Албатта касоне ки гуфтанд: Парвардигори мо Аллоҳ аст, сипас истиқомат карданд. Фариштагон бар онҳо нозил мешаванд (ва мегӯянд): Натарсед ва андӯҳгин**

---

[1] Инро Табаронӣ дар ас-Сағир (1/256) ва Уқайлӣ дар "Зуъафо" (2/262) аз Анас ривоят кард ва дар иснодаш Абдуллоҳ ибни Суфёни Хузоъӣ бар ҳадиси ӯ мутобиат карда намешавад ва ӯро Ибни Ҳиббон дар "Сиқот" зикр кард, ҳамчуноне ки Ҳайсамӣ дар "ал-Маҷмаъ" (1/189) ва онро Тирмизӣ (2641) ва Ҳоким (1/129) ва Ибни Вазоҳ (85) ва Оҷурӣ дар "Шариат" (15 ва 16) ривоят карданд ва дар иснодаш Абдурраҳмони Ифриқӣ аст ва ӯ заиф аст. Ва барои ҳадис тариқи сеюм дар назди Табаронӣ дар "ал-Кабир" аст, ҳамчуноне ки дар "ал-Маҷмаъ" (7/259) аст. Ва Ҳайсамӣ гуфт: Дар он Касир ибни Марвон аст ва ӯ хело заиф аст. Пас ҳадис ба ду тариқи якум иншоаллоҳ ҳасан аст ва "Силсилат-ул-аҳодис-ис-саҳеҳа" (203) ва (204)-ро назар кун!

Мегӯям: Бар он чи гузашт, қимати он чиро ки Ҳофиз Ибни Ҳазм дар "Рисолат-ул-имомат" (3/213) дар зимни "Маҷмӯъату расоилиҳ" гуфтааст, медонӣ. Замоне ки аз ин ҳадис пурсида шуд, пас ҷавоб дод: "Ҳадис инчунин нест...ва олитарин чизе ки дар ин ҳадис аст, ҳадисест, ки Абӯумар ба ман гуфт...". Сипас ҳадиси Авф ибни Моликро ба таври марфӯъ овард: **"Уммати ман бар ҳафтоду чанд фирқа ҷудо мешавад, бузургтарини онҳо аз рӯи фитна бар уммати ман, қавмест, ки умурро ба раъяшон қиёс мекунанд, пас ҳаромро ҳалол ва ҳалолро ҳаром мегардонанд"**. Сипас шарҳ дода гуфт: "Ин саҳеҳтарин чизест, ки дар ин боб аст ва аз рӯи санад софтарини он аст ва аммо дигар ҳадисҳое, ки дар ин боб омада аст, пас хело иллатдор ҳастанд, онҳоро ягон кас аз аҳли интиқо дар муснадот дохил накардааст, пас инро бидон".

**набошед ва шуморо ба Биҳишт башорат бод"**, то охири оят. (Сураи Фуссилат, ояти: 30) Яъне амалро холис барои Аллоҳ кунед ва тоати Аллоҳ таъолоро бар мувофиқе ки Аллоҳ барои шумо шаръ гузоштааст. Ва Умар разияллоҳу анҳу ин оятро бар минбар: **"сипас истиқомат карданд"** тиловат кард.

(Сипас гуфт): Қасам ба Аллоҳ, барои Аллоҳ ба тоаташ мустақим шавед ва монанди рубоҳ макр накунед, балки дину амалро барои Ӯ холис кунед ва баёни муфассал дар тафсирҳост[1]. Ва инчунин дар сураи Аҳқоф[2].

Ва дар сураи Шуро:

﴿ شَرَعَ لَكُم مِّنَ ٱلدِّينِ مَا وَصَّىٰ بِهِۦ نُوحًا وَٱلَّذِىٓ أَوْحَيْنَآ إِلَيْكَ وَمَا وَصَّيْنَا بِهِۦٓ إِبْرَٰهِيمَ وَمُوسَىٰ وَعِيسَىٰٓ ۖ أَنْ أَقِيمُوا۟ ٱلدِّينَ وَلَا تَتَفَرَّقُوا۟ فِيهِ ﴾ الشورى: ١٣

**"Динеро барои шумо шариат кард, ҳамонгуна ки ба Нӯҳ тавсия карда буд ва аз он чи бар ту ваҳй кардем ва ба Иброҳим ва Мусо ва Исо суфориш кардаем, ки динро барпо доред ва дар он фирқа-фирқа нашавед"**. (Сураи Шуро, ояти: 13) то охири оят. Ва то ин ки фармуд: **"Пас ба ин (дин) даъват кун ва ҳамонгуна ки амр шудаи пойдорӣ (ва истиқомат) варз ва аз ҳавову ҳавасҳои онон пайравӣ макун"**. (Сураи Шуро, ояти: 15) то охири оят.

[1] Хабарро Сиютӣ дар "ад-Дурр-ул-мансур" (7/322-Т, 2) ва онро ба Ибни Муборак ва Саъид ибни Мансур нисбат дод ва Аҳмад дар "Зуҳд" ва Абд ибни Ҳумайд ва Ҳакими Тирмизӣ ва Ибни Мунзир овардаанд.
[2] Ояти: 13.

Яъне ту ва касе ки туро пайравӣ мекунад, бар ибодати Аллоҳ таъоло мустақим шавед, ҳамчуноне ки Аллоҳ азза ва ҷалла шуморо амр кардааст. Ва хоҳишоти мушрикон-ро дар он чизе ки бофта ва навоварӣ кардаанд, пайравӣ макун....то охир.

Ва барои ин Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Намоз гузоред, ҳамонгуна ки маро мебинед, намоз мегузорам"**[1]. Ва **"Феълҳои ҳаҷро аз ман бигиред"**[2].

Ва дар сураи Зухруф:

﴿ فَٱسْتَمْسِكْ بِٱلَّذِىٓ أُوحِىَ إِلَيْكَ ۖ إِنَّكَ عَلَىٰ صِرَٰطٍ مُّسْتَقِيمٍ ﴿٤٣﴾ وَإِنَّهُۥ[3] لَذِكْرٌ لَّكَ وَلِقَوْمِكَ ۖ وَسَوْفَ تُسْـَٔلُونَ ﴿٤٤﴾ ﴾ الزخرف: ٤٣ – ٤٤

**"Пас ба чизе ки ба ту ваҳй шудааст чанг бизан, ки бешак ту бар роҳи рост ҳастӣ. Ва албатта ин (Қуръон) барои ту ва қавмат панд аст ва ба зудӣ пурсида мешавед"**. (Сураи Зухруф, ояти: 43-44) Яъне аз Қуръон пурсида мешавед, чигуна ба он амал кардед ва онро иҷобат кардед ва ҳаққе, ки онро ба шумо лозим гардонда буд, ба он қоим шудед.

❁ ❁ ❁ ❁ ❁

---

[1] Инро Бухорӣ (2/118) ва Шофиъӣ (1/129) ва Бағавӣ (432) ва дигарон аз Молик ибни Ҳувайрис ривоят карданд.

[2] Инро Муслим (1297) ва Абӯдовуд (1970) ва Насоӣ (5/270) аз Ҷобир ривоят карданд.

[3] Муаллиф гуфт: Яъне Қуръон.

## (3)

Фақир ба раҳмати Парвардигори тавонояш Муҳаммад-султони Маъсумии Хуҷандӣ мегӯяд: Ана ҳозир ман барои ту ҳадисҳо ва осори саҳеҳе, ки омадааст, ки ло илоҳа иллаллоҳ калиди Ҷаннат аст, зикр мекунам:

Имоми муҳаддисон Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ[1] дар китоби Ҷаноизи "Саҳеҳ"-аш[2] гуфт: Ба Ваҳб ибни Мунаббиҳ раҳимаҳуллоҳ гуфта шуд: Оё ло илоҳа иллаллоҳ калиди Ҷаннат нест? Гуфт: Бале, локин ягон калид бедандон нест, агар ба калиди дандор биёӣ, бароят дар кушода мешавад вагарна кушода намешавад.

Аз Муоз ибни Ҷабал разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Касеро, ки охири суханаш ло илоҳа иллаллоҳ бошад, дохили Ҷаннат мешавад"**. Ва инчунин Абӯдовуд ривоят кардааст.[3]

---

[1] Тарҷумаи ӯро дар китоби "Мо тамасу илайҳи ҳоҷат-ул-қорӣ ли саҳеҳ-ил-Бухорӣ"-и имом Нававӣ (бо таҳқиқи маро) нигоҳ кун!

[2] (3/109-Фатҳ-ул-Борӣ) ва онро Ҳофиз Ибни Ҳаҷар дар "Тағлиқ-ул-тағлиқ" (2/453), ва зикр кард, ки Бухорӣ онро дар "Таърих" (1/95), ва Абӯнуъайм дар "ал-Ҳуля" (4/66) ривоят карданд ва санадаш саҳеҳ аст.

[3] Рақами (3116) ва Аҳмад (5/233) ва Ҳоким (1/361) ва Байҳақӣ дар "ал-Асмо ва-с-сифот" (99) ва иснодаш ҳасан аст ва дар назди Ибни Ҳиббон (719-Маворид) аз ривояти Абӯҳурайра шоҳид дорад. Ва "ал-Футуҳот-ур-раббония" (4/109-110)-ро назар кун!

Ва Абӯнуъайми Исфаҳонӣ дар китобаш "Аҳвол-ул-муваҳҳиддин"[1] зикр кард, ки дандонҳои ин мифтоҳ ҳамон тоатҳои воҷиб аз қоим шудани ба тоатҳои Аллоҳ таъоло ва адои он ва дур шудан аз маъсиятҳои Аллоҳ таъоло ва аз онҳо парҳез кардан аст.

Аз Абӯзар разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Ояндае аз ҷониби Парвардигорам пеши ман омад, пас маро хабар дод, ё гуфт: Башорат дод, ки касе аз уммати ман бимирад дар ҳоле ки ба Аллоҳ чизеро шарик намеорад, дохили Ҷаннат мешавад. Гуфтам: Агарчи зино ва дуздӣ кунад? Фармуд: Агарчи зино ва дуздӣ кунад"**.[2]

Ва дар ривояте: **"Бандае нест, ки ло илоҳа иллаллоҳ гӯяд, сипас бар ин бимирад, магар, ки дохили Ҷаннат мешавад"**.[3]

Имом Бухорӣ дар китоби Имон дар Саҳеҳаш ба санадаш аз Абдуллоҳ ибни Умар разияллоҳу анҳумо ривоят кард, ки ӯ гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Ислом бар панҷ поя бино шудааст: Шаҳодат додани ин ки нест маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст ва барпо**

---

[1] Инро Ҳоҷӣ Халифа дар "Кашф-уз-зунун" зикр накардааст ва монанди он доктор Муҳаммад Лутфӣ ас-Сабоғ дар рисолааш: "Абӯнуъайм ҳаётуҳу ва китобуҳу ал-Ҳуля" дар зимни муаллафоташ зикр накардааст, пас назар карда шавад!

[2] Ривояти Бухорӣ (11/252) ва Муслим (94) ва Тирмизӣ (3/269) ва Аҳмад (5/152).

[3] Ривояти Бухорӣ (10/283) ва Муслим (1/95).

**доштани намоз ва пардохтани закот ва рӯзи Рамазон ва ҳаҷҷи хонаи Каъба, барои касе ки тавони рафтанро дорад"**. Ва инчунин инро Муслим ва муаллифони Сунан ва Муснадҳо ривоят кардаанд.[1]

Ва аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст, ки фармуд: **"Имон шасту чанд шоха дорад ва ҳаё шохае аз имон аст"**,[2] ва дар ривояти Муслим[3]: **"Ҳафтоду чанд шоха дорад, олитарини он "ло илоҳа иллаллоҳ" ва пасттарини он дур кардани озор аз роҳ аст, пас касе онро комил кунад, пас имонро комил кардааст"**.

Ва Умар ибни Абдулазиз ба Адӣ ибни Адӣ нома навист: Барои имон фарзҳо, шариатҳо, ҳудуд ва суннатҳост, пас касе онҳоро комил кунад, имонро комил кардааст ва касе онҳоро комил накунад, имонро комил накардааст. Агар зинда монам, пас ба зуди онҳоро барои шумо баён мекунам, то ба онҳо амал кунед ва агар бимирам, пас ман бар суҳбати шумо ҳарис нестам.

[1] Тахриҷи ин гузашт ва инҷо зиёд карда мегӯям: Ва Насоӣ (2/268) ва Тирмизӣ (2/101) ва Байҳақӣ (4/199) ва Табаронӣ дар "ал-Кабир" (13203) ва Бағавӣ (6) ривоят карданд.

[2] Инро Бухорӣ (1/48-49) ривоят кардааст.

[3] Рақами (35) ва дар он фармудаи Ӯ: "пас касе онро комил кунад..." то охираш нест ва "Силсилат-ул-аҳодис-саҳеҳа" (4/369) ва "Ҷомеъ-ул-усул" (1/235)-ро назар кун!

Ва Бухорӣ[1] аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ва Муслим аз Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳу ривоят карданд, ки онон гуфтанд: **"Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам рӯзе дар байни мардум намоён буд, пас Ҷибраил алайҳис салом назди Ӯ омад, пас гуфт: Имон чист? Фармуд: Имон ин аст, ки ба Аллоҳ ва малоикаҳои Ӯ ва ба вохӯрии Ӯ ва расулони Ӯ ва ба зинда шудани пас аз марг имон биёрӣ"**. Ва дар ривояти Муслим[2]: **"Имон биёрӣ ба Аллоҳ ва ба малоикаҳои Ӯ ва китобҳои Ӯ ва расулони Ӯ ва рӯзи охират ва ба тақдири хайр ва шарраш имон биёрӣ, гуфт: Рост гуфтӣ. Гуфт: Маро аз Ислом хабар деҳ? Фармуд: Шаҳодат бидиҳӣ, ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст ва намозро барпо дорӣ ва закотро бипардозӣ ва рӯзаи Рамазонро бидорӣ ва хонаи Каъбаро агар тавони рафтан дошта бошӣ, ҳаҷ намоӣ. Гуфт: Рост гуфтӣ. Гуфт: Маро аз эҳсон хабар деҳ? Фармуд: Эҳсон ин аст, ки Аллоҳро ибодат кунӣ, гӯё ту Ӯро мебинӣ, пас агар ту Ӯро набинӣ, пас Ӯ туро мебинад"**. Ҳадис саҳеҳ, маъруф ва машҳур аст.

---

[1] Дар Саҳеҳаш (1/106) ва Муслим низ дар рақами (9) ривоят кардааст.

[2] Дар рақами (8).

Ва Муслим[1] ба санадаш аз Суфён ибни Абдуллоҳи Сақафӣ разияллоҳу анҳу ривоят кард, ки гуфт: **Гуфтам: Эй Расулуллоҳ, барои ман дар Ислом сухане бигӯ, ҷуз ту касеро аз он напурсам? Фармуд: "Бигӯ: Ба Аллоҳ имон овардам сипас мустақим шав"**.

Ва имом Аҳмад дар Муснадаш[2] аз Муоз ибни Ҷабал разияллоҳу анҳу ривоят кард. Муоз гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои ман гуфт: **"Калидҳои Ҷаннат шаҳодат додани ло илоҳа иллаллоҳ аст"**.

Ва Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Касе нест, ки аз сидқи дил шаҳодат медиҳад, ки маъбуди ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст, магар ки Аллоҳ ӯро бар оташ ҳаром мегардонад"**. Муттафақун алайҳ аст.[3] Инчунин дар "Мишкот-ул-масобиҳ" аст.[4]

Шореҳ Мулло Алӣ Қорӣ дар "Мирқот-ул-мафотиҳ"[5] мегӯяд: Яъне касе ин калимаро гӯяд ва ҳаққу фарзҳои

---

[1] Дар рақами (38) ва инро Аҳмад (3/414) ва (4/384) ва Ибни Моҷа (3972) ва Тирмизӣ (2522) ва Ибни Ҳиббон (2542) ва Табаронӣ дар "ал-Кабир" (6396) ривоят карданд.

[2] (5/242) ва Базор (5/242-Завоидуҳ) ва Байҳақӣ дар "Шуъаб" ҳамчуноне ки дар "ат-Тағлиқ" (2/454) ва Ҳайсамӣ дар Маҷмаъ (1/16) гуфт: Инро Аҳмад ва Базор ривоят кард ва дар санадаш қатъ аст дар байни Шаҳр ва Муоз ва ривояти Исмоил ибни Айёш аз аҳли Ҳиҷоз заиф аст ва ин ҳадис аз ҷумлаи он аст. Мегӯям: Шаҳрро низ заиф гуфтаанд.

[3] Ривояти Бухорӣ (13/300) ва Муслим (30).

[4] Дар рақами (40) ва (25) аз табаъаи Шомӣ ба таҳқиқи шайхамон Албонӣ.

[5] Мирқот-ул-мафотиҳ, (1/97).

онро адо кунад, пас итоат кардан ва боз истодан дар зери ду шаҳодат мебошад. Ва гуфта шуд: Ин барои касе аст, ки онро дар назди тавба кардан гуфта ва пеш аз даст ёфтан ба адои фарзи дигар фавтидааст ва ин ихтиёри имом Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ раҳимаҳуллоҳу таъоло аст.

❁ ❁ ❁ ❁ ❁

## (4)

Бандаи заиф Муҳаммадсултони Маъсумӣ-Аллоҳ ӯро ҳифз кунад-мегӯяд: Калимаи тавҳид "ло илоҳа иллаллоҳ" калимаи ҷомеъ, комил, комилшуда аст дар он чизе зиёд ва кам карда намешавад ва мазмуни он, ҳамон чизест, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз дини Ислом овардааст, мебошад. Ин дин комилу комилшуда аст, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло аз ин хабар додааст ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар Арафа дар ҳаҷҷи Видоъ дар рӯзи ҷумъа истода буд (ва ин ба фармудаи Ӯ субҳонаҳу аст):

﴿ٱلۡيَوۡمَ أَكۡمَلۡتُ لَكُمۡ دِينَكُمۡ وَأَتۡمَمۡتُ عَلَيۡكُمۡ نِعۡمَتِي وَرَضِيتُ لَكُمُ ٱلۡإِسۡلَٰمَ دِينٗا﴾ المائدة: ٣

**"Имрӯз бароятон динро комил кардам ва бар шумо неъматамро ба итмом расондам ва барои шумо аз рӯи дин Исломро розӣ шудам"**. (Моида, ояти: 3) то охири оят.[1]

Он чизе ки дар он рӯз дин буд, пас он то рӯзи қиёмат дин аст ва он чизе ки он рӯз дин набуд, пас он ҳаргиз дин нест, пас барои ин бидъат дар дин залолат (гумроҳӣ) ва радшуда аст ва мубтадиъ бар Парвардигораш ифтиро баста ва Ӯро дурӯғгӯкунанда аст. Ин ҳамон маънои

---

[1] Хабарро Бухорӣ (1/97) ва Муслим (3017) ва Тирмизӣ (3046) ва Насоӣ (8/114) ва (5/251) ва Аҳмад (272) ва Табарӣ (11094) ривоят кард ва инро Сиютӣ дар "ад-Дур" (3/17-Т, 2) ва нисбати онро ба Ҳумайдӣ ва Абд ибни Ҳумайд ва Ибни Мунзир ва Ибни Ҳиббон ва Байҳақӣ зиёд кардааст.

фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Бигӯ ба Аллоҳ имон овардам, сипас мустақим шав"**[1] мебошад. Ва ин маънои "ло илоҳа иллаллоҳ" холис аз қалбаш мебошад, пас огоҳ шав!

Ва Бухорӣ ва Муслим аз Оиша разияллоҳу таъоло анҳо ривоят карданд, ки ӯ гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Касе дар ин дини мо чизе пайдо кунад, ки аз он нест, пас он радшуда аст"**.[2]

Аз Ҷобир разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки  гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Аммо баъд: Ҳамоно беҳтарини ҳадис китоби Аллоҳ ва беҳтарини роҳнамоӣ роҳнамоии Муҳаммад ва бадтарини умур пайдошудаҳои он аст ва ҳамаи бидъат гумроҳӣ аст"**.[3]

Вақте ки калидро таърифаш маълум ва қадраш фаҳмо ва дандонаш маҳдуд аст ва он комил ва комилшудааст, Аллоҳ ҷалла ҷалолуҳ аз зиёдаравии дар дин манъ намуд ва ба иқтисод ва пайравӣ кардан, амр кард.

Аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳадис ворид шудааст, ки гуфтаи моро шарҳ ва таъйид медиҳад ва он чизест, ки Бухорӣ ва Муслим[4] аз Анас разияллоҳу анҳу ривоят карданд, ки гуфт: **Се гурӯҳ назди занони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам омаданд, аз ибодати**

---

[1] Тахриҷаш дар саҳ:...гузашт.
[2] Муаллиф гуфт: Яъне мардуд аст. Мегӯям: Тахриҷаш дар саҳ:...гузашт.
[3] Тахриҷаш дар саҳ:    гузашт.
[4] Бухорӣ (11/4) ва Муслим (1401) ва Насоӣ (6/60).

**Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам пурсиданд? Пас вақте хабар дода шуданд, мисле ки онҳо онро кам шумориданд, пас гуфтанд: Мо куҷову Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам куҷо ва ба ростӣ Аллоҳ гуноҳи гузашта ва ояндаи Ӯро бахшида аст?! Пас якеашон гуфт: Ман доимӣ шаб намоз мегузорам. Ва дигараш гуфт: Ман доимо рӯзона рӯза медорам ва ифтор намекунам. Ва дигараш гуфт: Ман аз занон канора мегирам, пас ҳаргиз зан намегирам. Пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам назди онон омад, пас фармуд: Шумо касоне ҳастед, ки чунин ва чунин гуфтед, аммо қасам ба Аллоҳ ман ҳароина тарсандатарини шумо аз Аллоҳ ҳастам ва ботақвотарини шумо барои Ӯ ҳастам, локин ман рӯза мегирам ва ифтор мекунам ва намоз мехонам ва хоб мекунам ва бо занон издивоҷ мекунам, пас касе аз суннати ман рӯ гардонад, пас аз ман нест"**.

Ва дар ҳадиси Ирбоз ибни Сория разияллоҳу анҳу омадааст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Касе аз шумо баъди ман зиндагӣ кунад, пас ба зуди ихтилофи бисёреро мебинад, пас ба шумо лозим аст, ки бар суннати ман ва суннати халифаҳои роҳнамо чанг бизанед ва онро ба дандонҳои курсӣ газед ва аз чизҳои навпайдо дурӣ ҷуед, пас ҳар навпайдо бидъат**

**аст ва ҳамаи бидъат гумроҳӣ аст"**. Инро Абӯдовуд, Тирмизӣ, Ибни Моҷа ва Аҳмад ривоят кардааст.[1]

Аз Абдуллоҳ ибни Амр разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фамруд: **"Ҳароина бар уммати Ман меояд, он чизе ки бар бани Исроил омад, баробари наъл ба наъл, ҳатто агар якеи онҳо бо модараш ошкоро ҳамхобагӣ кунад, ҳароина дар уммати ман касе ин корро мекунад. Ва бани Исроил бар ҳафтоду ду гурӯҳ тақсим шуданд ва уммати ман ба ҳафтоду се гурӯҳ тақсим мешаванд, ҳамаашон дар оташанд ба ҷуз як гурӯҳ. Гуфтанд: Эй Расулуллоҳ, он гурӯҳ кист? Фармуд: Касе ки бар чизе ки ман ва ёронам имрӯз бар он ҳастем, амал кунад"**. Ривояти Тирмизӣ.[2]

Аз имом Молик ибни Анас разияллоҳу анҳу ба таври мурсал ривоят аст, ки гуфт[3]: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Ман ба шумо ду амрро тарк кардам, ба он ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ намешавед:**

---

[1] Тахриҷаш дар саҳ:....гузашт.

[2] Тахриҷаш гузашт. Ва пораи якум: "то ин ки....ин", барои ин шоҳид дар назди Дулобӣ (2/30) ва Ибни Наср дар "ас-Суннат" (13) ва Ҳоким (4/455) ба санади ҳасан аст ва "Саҳеҳ-ул-ҷомеъ" рақами (5219)-ро назар кун!

[3] Инчунин аст ва хуб ин буд, ки гӯяд: Мӯъзал аст, зеро ирсол он аст, ки аз болои тобиъин ровие зикр нашуда бошад, ҳамчуноне ки гуфта шуд:

Ва мурсалун мин фавқи тобиъин сақат ..............................

Ва мурсал ровии аз тобеъин боло афтода аст.

Аммо мӯъзал, пас он ҳамчунонест, ки гуфта шуд:

ومعضل من راويين خالي          فصاعدًا لكن مع التوالي

Ва мӯъзал ҳадисест, ки ду ровӣ пас бештар пай дар пай афтода бошад.

Мегӯям: Рисолаи ман "ат-Таълиқот-ул-асария" саҳ: 23 ва 26-ро назар кун!

**Он ду китоби Аллоҳ ва суннати расули Ӯст"**. Инро дар Муватта ривоят кард.[1]

Ва Абӯдовуд ва Тирмизӣ[2] аз Абӯумома разияллоҳу анҳу ривоят карданд, ки ӯ гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Касе барои Аллоҳ дӯст дорад ва барои Аллоҳ бад бинад ва барои Аллоҳ ато кунад ва барои Аллоҳ манъ кунад, пас ба ростӣ имонро комил кардааст"**.

Ва аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Ҳамаи уммати ман дохили Ҷаннат мешавад, магар касе ки рад кунад. Гуфта шуд: Ва кӣ рад мекунад? Фармуд: Касе маро итоат кунад, дохили Ҷаннат мешавад ва касе маро бефармонӣ кунад, пас рад кардааст"**. Ривояти Бухорӣ.

Ва аз Абдуллоҳ ибни Амр разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Яке аз шумо имон намеорад, то ки ҳавову ҳавасаш тобеъи он чизе бошад, ки ман ба он омадаам, бошад"**. Инро дар "Шарҳи суннат" ривоят кард.

---

[1] Тахриҷаш дар саҳ:     гузашт.

[2] Инро Абӯдовуд (4681) ва Табаронӣ дар "ал-Кабир" (7613) ва (7737) ва (7738) ва Байҳақӣ дар "ал-Эътиқод" саҳ: (178) ва Бағавӣ (13/54) аз Абӯумома ба санади ҳасан ривоят кардаанд.

Ва инро Тирмизӣ (2521) ва Ҳоким (2/164) ва Аҳмад (3/438) ва Табаронӣ дар "ал-Кабир" (20/188) аз Муоз ибни Анас ривоят карданд ва дар он заъф аст ва барои он ҳадиси Абӯумома шоҳидӣ медиҳад.

Аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Бандае аз рӯи ихлос ло илоҳа иллаллоҳ бигӯяд, дарҳои осмон барояш кушода мешавад, то ки ба Арш мерасад, модоме ки гуноҳони кабираро тарк кунад"**. Ривояти Тирмизӣ.[1]

Маъсумӣ мегӯяд: Барои қабули ин калима ва нафъи он дар назди Аллоҳ таъоло шарт гузошта аст, ки гӯяндаи он холис бошад ва барои улуҳияти Парвардигораш эътиқод кунад ва ин ки ҳамаи гуноҳони кабираро тарк кунад, пас андеша кун ва ба ёд ор ва огоҳ шав, Аллоҳ ман ва туро барои ризогияш муваффақ гардонад.

Ва аз Имрон ибни Ҳусайн разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: **Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои падарам гуфт: Эй Ҳусайн, имрӯз чанд илоҳро мепарастӣ? Падарам гуфт: Ҳафто, шашто дар замин ва якто дар осмон. Гуфт: Пас аз кадомаш умеду рағбат ва тарс дорӣ? Гуфт: Оне ки дар осмон аст. Фармуд: Эй Ҳусайн, агар ислом биёрӣ, туро ду калима ёд медиҳам, ки ба ту фоида медиҳанд. Гуфт: Вақте Ҳусайн ислом овард, гуфт: Эй Расулуллоҳ, ду калимае, ки маро ваъда дода будӣ,**

---

[1] Рақами (3590) ва онро ҳасан гуфтааст. Ва онро Насоӣ дар "Амал-ул-явми ва-л-лайла" ривоят кардааст, ҳамчуноне ки дар "Тӯҳфат-ул-ашроф" (10/96) аст ва Хатиб дар "Таърихаш" (11/394) аз Абӯҳурайра ривоят кард ва иснодаш ҳасан аст, иншоаллоҳ, ҳамчуноне ки ба он шайхамон раҳимаҳуллоҳ дар "Саҳеҳ-ул-ҷомеъ" (5524) яқин кардааст.

**таълим деҳ! Пас фармуд: Бигӯ: Эй Аллоҳ, рушд ва ҳидояти маро дар дилам илҳом кун ва маро аз шарри нафсам паноҳ деҳ"**. Ривояти Тирмизӣ.[1]

Ва онро Хатиб дар "Мишкот-ул-масобиҳ" зикр кард.[2]

Тибӣ[3] мегӯяд: Гуфта шуд: Он олиҳаҳо Яғус, Яъуқ. Наср, Лот, Уззо ва Манот буд, ин номҳо ҳамон номҳои мардони накӯкор[4] аст, пас онҳоро пайравонашон таъзим карданд, то ки онҳоро бутҳо гирифтанд ва парастиданд, пас онҳоро эътирофашон ба илоҳе ки дар осмон аст, фоида надод.

❁ ❁ ❁ ❁ ❁

---

[1] Рақами (35479). Ва инро Бухорӣ дар таърихаш (2/11) ва Табаронӣ дар "ал-Кабир" (18/174) ривоят карданд ва дар он Шабиб ибни Шайба аст ва ӯ садуқ аст, ваҳм мекунад ва Ҳасан мудаллис аст ва ан-ана кард ва иснодашро Ҳофиз Ибни Ҳаҷар дар "ат-Таҳзиб" (6/384) дар тарҷумаи Ҳусайн нек шуморид ва онро Аҳмад (4/444) ва Ибни Ҳиббон (2431) аз Ҳусайн тулонӣ ривоят кардааст ва Насоӣ дар "ал-Кубро" ҳамчуноне ки дар "Туҳфат-ул-ашроф", (3/68) аз дигар тариқ ривоят кард ва онро Ҳофиз Ибни Ҳаҷар дар тарҷумаи Ҳусайн дар "Исобат" (2/257) саҳеҳ гуфт, пас ҳадис саҳеҳ аст, иншоаллоҳ.

[2] Дар рақами: (2476).

[3] Яке аз шореҳони "Мишкот" аст, соли (743 ҳиҷрӣ) вафот кард, тарҷумаи ҳоли ӯ дар "ад-Дурар-ул-комина" (2/156) ва "ал-Бадр-ут-толиъ" (1/229) ва шарҳи "Мишкот"-ро номаш "ал-Кошиф ан ҳақоиқ-ис-сунан" аст чанд нусхаи хаттӣ дорад, нектарини он нусхаи мактабаи Аҳмад ас-солис дар Истанбул дар рақами (2948-2953) дар шаш ҷилд аст ва ба қариби ду бор чоп карда шуд.

[4] Ҳамчуноне ки Бухорӣ (8/11) аз Ибни Аббос ривоят кард ва онро Сиютӣ дар "ад-Дурр-ул-мансур" (7/293-Т, 2) овардааст ва нисбати онро ба Ибни Мунзир ва Ибни Мардавайҳ афзудааст.

## (5)

Маъсумӣ гуфт: Ва инчунин монанди онҳост, касоне ки машҳади Карбало ва Ҳусайн ибни Алӣ разияллоҳу анҳу ё қабри Абдулқодири Гелонӣ, ё қабри Муъиниддини Чиштӣ дар Аҷмири Ҳинд, ё қабри Алӣ разияллоҳу анҳу дар Балх ё қабри Баҳоуддини Нақшбандӣ дар Бухоро ё қабри Касм ибни Аббос разияллоҳу анҳумо дар Самарқанд ё қабри Аҳмади Ясавӣ дар Туркистон ё қабри Муслиҳиддин дар Хуҷанд ё қабри Офоқхоҷа дар Кошғар ё қабри Муҳйиддин ибни Арабӣ[1] дар Димашқ ё машҳади сари Ҳусайн[2] ва қабри Зайнаб дар Қоҳира ё қабри Аҳмади Бадавӣ дар Танто ё қабри Ҷалолиддини Румӣ дар Қуния ё дигар қабрҳоро, ки таъзим ва ибодат мекунанд ва барои онҳо назр мекунанд ва ба сӯи онҳо рӯ меоранд[3].

---

[1] Рисолаи "Ибни Арабӣ, зиндагӣ ва афкори ӯ" аз они Тақиюддини Фосӣ ба таҳқиқи ман аст ва пешгуфтори ман барои китоби "ат-Тазкира ва-л-эътибор ва-л-интисор лилаброр"-и Ибни Шайх ал-Ҳаззоминро нигоҳ кун!

[2] Шайхи Ислом Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ рисолаи танҳо дар мавзӯи "Сари Ҳусайн" дорад ва он чопшуда аст.

[3] Дар шаҳри мо Урдун баъзе ҷоҳилон ва авом монанди ин қабрҳоро ба даъвои ин ки онҳо барои авлиё ва солиҳон аст, таъзим мекунанд ва бас инчунин нест, балки ба онҳо бисёртар аз он чи ки ба Аллоҳи азим субҳонаҳу ва таоло фарёдрасӣ мекунанд. Масалан аз ҷумлаи ин дар шаҳри Ақаба дар назди мо ба валие, ки онро "Валии Ақбовӣ" меноманд, баъзеашон таъзим мекунанд, зеро он қабри бузурги машҳури зиннатдори калон аст ва мардум дар онҷо ба ӯ эътиқод калон доранд, ки барои он қиссаҳо ва ҳикояҳои хурофотӣ мебофанд ва онҳо дар вақти сахтиҳо Аллоҳи олии олитарро тарк мекунанд. Ва аз рӯи ҷаҳлу беақлӣ рӯ ба он меоранд, аз ин "Валии Ақбовӣ" ёрию мадад талаб мекунанд. Пас қуввати бозгашти аз гуноҳ ва қуввати ибодат карданро надорам магар ба ёрии Аллоҳ.

Ва ғолиби гумон ин аст, ки инҳо мардони накӯкори ин умматанд, пас дар муҳаббати онҳо зиёдаравӣ карданд, то ки онҳоро парастиданд ва онҳо албатта ба ин кор розӣ нестанд, чаро ки онҳо мардони мусалмон ва накӯкор буданд, Аллоҳ таъоло онҳоро раҳмат кунад. Пас ин қабрҳо монанди он чизе ки Аллоҳ таъоло дар китобаш зикр кард, гаштанд. Пас имони банда дуруст намешавад, то ки ба ҳамаи инҳо кофир шавад ва ба Аллоҳи ягона имон биёрад. Ва ин ҳамон маънои фармудаи Аллоҳ таъолост:

﴿ فَمَن يَكْفُرْ بِٱلطَّٰغُوتِ وَيُؤْمِنۢ بِٱللَّهِ فَقَدِ ٱسْتَمْسَكَ بِٱلْعُرْوَةِ ٱلْوُثْقَىٰ لَا ٱنفِصَامَ لَهَا ﴾

البقرة: ٢٥٦

**"Пас ҳар кас ба тоғут (шайтон, бут, инсонҳои гумроҳ ва туғёнгар) кофир шавад ва ба Аллоҳ имон орад, пас ба ростӣ ба ресмони маҳкаме чанг задааст, ки онро канда шудан нест"**. (Сураи Бақара, ояти: 256)

---

Мегӯям: Сипас маълум шуд, ки ин қабр дар чуқурияш ҷуз канзҳо ва ҷавоҳирот надошта аст ва ин дар қиссаи дилписанд аст дар он як чораҷӯии аҷибе аз тарафи баъзе ғарибон тамом шуд!! Сипас масҷид комилан хароб карда шуд ва аз он ҷуз меъзанааш (ҷои азонгӯӣ) чизе боқӣ намонд. (Сухани муҳаққиқ тамом шуд).

Мегӯям: Дар Тоҷикистон даҳо балки садҳо мазорҳо вуҷуд дорад, ки мардум онҳоро таъзим мекунанд, ба таври мисол метавон ном бурд, мазори Султон Увайси Қарании маъруф ба номи мазори Ҳазрати Султон, дар ноҳияи Ховалинг ва ҳазрати имом Аскара, мазори Бурхи Валӣ, мазори Мирсийид Алии Ҳамадонӣ дар Кулоб, мазори ҳазрати Мавлоно дар пойтахт ва мазори Чилтанҷон дар Фархор ва ғайра. Баъзе ин шахсиятҳои таърихӣ аслан ба Тоҷикистон қадам нагузоштаанд ва баъзе дигараш хурофотӣ аст, ки ходимони он мазорҳо барои гарм нигоҳ доштани бозорашон баъзе қиссаҳо ва ҳикояҳо мебофанд ва мардумро ба сӯи гумроҳӣ ва залолат ба хотири ҳавову ҳавасашон мебаранд.

Ва ин ҳамон маънои ло илоҳа иллаллоҳ аст, пас ҳамаи олиҳаҳоро аз ҳамаи ваҷҳҳо нафй мекунӣ ва илоҳи ҳаққи яккаи ягона бениёзеро, ки назод ва назода шуд ва касе бо Ӯ баробар нест, исбот мекунӣ. Пас ин тавҳиди холис аст, албатта ин бешакку шубҳа калиди Ҷаннат аст. Пас қиссаи Лот, Уззо, Яғус, Яъуқ ва ғайрашро фикр ва андеша кун ва китобҳои тафсири мӯътабар ва китобҳои ҳадисҳои саҳеҳро[1] муроҷиа кун ва ақлатро кор фармо, бароят ҳақиқат ошкор мешавад ва сарпӯш кашф мешавад, пас маънои ло илоҳа иллаллоҳро ҳамчуноне ки ҳаст, ва ба фазли Аллоҳ таъоло ва ҳидояту тавфиқи Ӯ медонӣ.

Пас бар гӯяндаи ло илоҳа иллаллоҳ воҷиб аст, ки ба гуфтани он ва ба муҷиби он идома диҳад ва онро ба чизе ки онро нафй мекунад, яъне ширк ва монандҳо гирифтан ва эътиқоди тасарруф барои ғайри Аллоҳ ботил насозад, вагарна ботил шуда ва барои он манфиате боқӣ намемонад, ҳамчуноне ки дигар ибодатҳо ба риё ва монанди он ботил мешавад. Ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تُبۡطِلُواْ صَدَقَٰتِكُم بِٱلۡمَنِّ وَٱلۡأَذَىٰ ﴾ البقرة: ٢٦٤ **"Эй касоне ки имон овардаед садақаҳои худро ба миннат ва озор ботил накунед"**. (Сураи Бақара, ояти: 264) то охири оят.

---

[1] Баёни чизе аз ин аз рӯи таълиқ гузашт.

Пас хабар дод, ки садақаи риёкор ва миннаткун ботил аст, дар он манфиате барои ӯ боқӣ намемонад. Ва инчунин фармудаи Ӯ таъолост:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ أَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُواْ ٱلرَّسُولَ وَلَا تُبۡطِلُوٓاْ أَعۡمَٰلَكُمۡ ﴿٣٣﴾ ﴾ محمد: ٣٣ **"Эй касоне ки имон овардаед Аллоҳро итоат кунед ва Расулро итоат кунед ва амалҳоятонро ботил накунед"**. (Сураи Муҳаммад, ояти: 33)

﴿ وَمَن يَكۡفُرۡ بِٱلۡإِيمَٰنِ فَقَدۡ حَبِطَ عَمَلُهُۥ ﴾ المائدة: ٥ **"Ва касе ки ба (аркони) имон кофир шавад, пас амалаш ботил шуда аст"**. (Сураи Моида, ояти:5)

﴿ وَٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ أَعۡمَٰلُهُمۡ كَسَرَابِۭ بِقِيعَةٖ يَحۡسَبُهُ ٱلظَّمۡـَٔانُ مَآءً ﴾ النور: ٣٩

**"Ва касоне ки кофир шуданд, амалҳояшон ҳамчун саробе аст дар биёбоне, ки (инсони) ташна (аз дур) онро об мепиндорад"**. (Сураи Нур, ояти: 39).

Пас бар тавҳид ва бар ҳар он чизе ки тавҳид тақозо мекунад, идома додан лозим аст ва ба тоғутҳо ва ба ҳар олиҳае ҷуз Аллоҳ кофир шудан лозим аст, ҳамчуноне ки пӯшида намебошад. Пас касе ло илоҳа иллаллоҳ мегӯяд, сипас мегӯяд, ки арвоҳҳо тасарруф ва мадад мекунанд ё ғайри Аллоҳро ба дуо муроҷиат мекунад, ё барои ғайри Аллоҳ назр мекунад ё аз ғайри Аллоҳ метарсад ё аз ғайри Аллоҳ аз рӯи ғайб умед мекунад, пас суханаш ло илоҳа иллаллоҳро ботил карда, балки ба Аллоҳ ширки ошкор

овардааст[1], ки Аллоҳ азза ва ҷалла онро намебахшад, пас огоҳ шав!

Ва анбиё алайҳимус салавоту ва-т-таслимот моро амр карданд, ки ба он чизе ки омадаанд, имон биёрем ва ба онҳо ва роҳнамоии онҳо иқтидо кунем, Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ قُولُوٓاْ ءَامَنَّا بِٱللَّهِ وَمَآ أُنزِلَ إِلَيۡنَا وَمَآ أُنزِلَ إِلَىٰٓ إِبۡرَٰهِـۧمَ وَإِسۡمَٰعِيلَ وَإِسۡحَٰقَ وَيَعۡقُوبَ وَٱلۡأَسۡبَاطِ وَمَآ أُوتِيَ مُوسَىٰ وَعِيسَىٰ وَمَآ أُوتِيَ ٱلنَّبِيُّونَ مِن رَّبِّهِمۡ لَا نُفَرِّقُ بَيۡنَ أَحَدٖ مِّنۡهُمۡ وَنَحۡنُ لَهُۥ مُسۡلِمُونَ ١٣٦ ﴾ البقرة: ١٣٦

**"Бигуед: Мо ба Аллоҳ имон овардем ва ба он чи бар мо нозил шуда ва он чи бар Иброҳим ва Исмоил ва Исҳоқ ва Яъқуб ва наводагони Яъқуб нозил гардид ва ба он чи ки ба Мусо ва Исо дода шуда ва ба он чи ки паёмбарони (дигар) аз тарафи Парвардигорашон дода шудааст ва дар миёни ҳеҷ як аз онҳо ҷудоӣ намеандозем ва мо таслими Аллоҳ ҳастем"**. (Сураи Бақара, ояти: 136)

---

[1] Ҳаргоҳ онро баъди баёни ҳуҷҷат ва барпо кардани он бар ӯ ва маърифати ботиле, ки дар он аст, гӯяд. Аммо ҳаргоҳ аз рӯи ҷаҳл кунад, пас ӯ бар кутоҳӣ карданаш дар талаби илм гунаҳгор мешавад ва мушрик ба шумор намеравад. Рисолаи "Сиъату раҳмати Раббилоламин лилҷуҳҳол-ил-мухолифин ли-ш-шариати мин-ал-муслимин"-и бародар шайх Сайид ибни Саъдиддини ал-Ғабоширо нигоҳ кун! Ва ба зуди каломи муаллиф ва таълиқи ман бар онро дар саҳ: (   )-ро назар кун!

﴿ أُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ هَدَى ٱللَّهُۖ فَبِهُدَىٰهُمُ ٱقۡتَدِهۡ ﴾ الأنعام: ٩٠ **"Онҳо касоне ҳастанд, ки Аллоҳ ҳидояташон карда аст, пас ба равиши онон иқтидо кун!"**. (Сураи Анъом, ояти: 90)

Ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам хатмкунандаи паёмбарон аст, баъди Ӯ паёмбаре нест ва роҳе ба сӯи Аллоҳ таъоло боқӣ намондааст ба ҷуз пайравии Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам, пас ба ибодатҳое, ки амри воҷибӣ ё мустаҳабӣ амр кардааст, пас он шаръӣ ва дар он тарғиб шудааст ва ба чизе ки амр накарда ва онро анҷом надодааст, пас гуфта намешавад, ки он мустаҳаб ё шаръӣ аст, магар ба далели шаръӣ. Ва исбот кардани шариат ба ҳадиси заиф ҷоиз намебошад, чи гӯӣ аз ҳадиси мункар ё мавзӯъ (бофта)[1] ё кашф ё илҳом ё хоб ё хаёл ё орои (фикрҳои) мардон, чаро ки савоб дар назди Аллоҳ аст ва он чи дар назди Аллоҳ аст ва ин ки дар фалон кор савоб аст дониста намешавад, магар ба таълим додани Аллоҳ ва ин ҳосил намешавад, магар ба воситаи Муҳаммад расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.[2]

❁❁❁❁❁

---

[1] Таълиқи гузашта дар саҳ (  )-ро назар кун!

[2] Восита будани Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳоли ҳаёташ ва ба расонидани рисолат мебошад, бас.

## (6)

Бидон, ки "ло илоҳа иллаллоҳ" калимаи ҷудосоз байни куфр ва Ислом аст ва он калимаи тақвост, ки онҳоро мулзам гардонид: ﴿ وَأَلْزَمَهُمْ كَلِمَةَ ٱلتَّقْوَىٰ ﴾ الفتح: ٢٦ **"Ва онҳоро ба калимаи тақво мулзам сохт"**. (Сураи Фатҳ, ояти: 26) ва он ресмони устувори накандани аст ва он калимаест, ки онро Иброҳим алайҳис салом барои наслу авлодаш боқӣ гузошт, шояд онҳо боз гарданд ва мақсад фақат ба забон гуфтани он нест, бо надонистани маънои он. Мунофиқон онро мегуфтанд ва онҳо дар зери кофирон дар табақаи поёнтарини Дӯзах ҳастанд, бо вуҷуде ки намоз мехонданд ва ҳаҷҷу тавоф мекарданд ва Қуръон мехонданд ва садақа медоданд ва локин мақсад гуфтани он бо маърифати он ба қалб ва барои он сар фурӯ овардан ва муҳаббати он ва аҳли он ва бад дидани он чизе ки онро мухолифат ва душманӣ мекунад, ҳамчуноне ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Касе аз рӯи ихлос ло илоҳа иллаллоҳ гӯяд"**. Ва дар ривояте: **"Аз рӯи ихлоси қалб гӯяд"**. Ва дар ривояте: **"Аз сидқи қалб гӯяд, дохили Ҷаннат мешавад"**.[1]

[1] Инро аз Абӯсаъид Базор (рақами: 7) ривоят кард ва аз Абӯмусо Аҳмад (4/411) ривоят карда ва дар ҳар дуяш заъф аст ва дар боб аз Анас ва аз Ҷобир ривоят аст. Ва онро шайхамон Албонӣ дар "Саҳеҳ-ул-ҷомеъ" (6309) саҳеҳ гуфтааст.

Ва дар ҳадиси дигар: **"Касе ло илоҳа иллаллоҳ гӯяд ва ба он чизе ки ҷуз Аллоҳ парастида мешавад кофир шавад, дохили Ҷаннат мешавад"**.[1]

Ғайри ин аз ҳадисҳое, ки бар ҷаҳолати бисёри мардум ба ин шаҳодат далолат мекунад.

Ва ин калима нафйю исбот аст: Илоҳиятро аз ғайри Аллоҳ таъоло яъне аз махлуқот нафй кардан, ҳатто ки Ҷибраил ва Муҳаммад алайҳимас салом, аз ғайрашон аз авлиё ва накӯкорон ҷӣ гӯӣ.

Ин улуҳиятро ома дар замони мо "сир ва вилоят" меноманд ва маънои илоҳ валӣ аст, ки дар вай сир аст ва онро фақир, шайх, дарвеш ва валӣ номида мешавад. Ин ба хотири он аст, ки онон гумон мекунанд, ки Аллоҳ таъоло барои хоссаҳои халқаш манзилате гардонда аст, ки розӣ мешавад, ки инсон ба онҳо паноҳ барад ва аз онҳо умед кунад ва ба онҳо фарёдрасӣ кунад ва онҳоро байни худ ва байни Аллоҳ таъоло восита қарор диҳад, пас чизеро мушрикҳои замони мо воситаҳо мепиндоранд, ҳамон чизест, ки мушрикҳои аввал олиҳа меномиданд!!

Ва восита ҳамон илоҳ аст, пас гуфтаи мӯъмин: Ло илоҳа иллаллоҳ ботилгари воситаҳост ва бештари касоне дар таъзими авлиё ва шайхҳои тариқат ва имомҳои аҳли байт аз сайидҳо зиёдаравӣ карданд, онҳоро ба дуо кардана-

[1] Ривояти Муслим (23) ва Аҳмад (3/472) ва Табаронӣ дар ал-Кабир (8190) аз Ториқи Ашҷаъӣ разияллоҳу анҳу.

шон ҳатто дар ҳолати сахтӣ ва ба тавоф кардани қабрҳояшон ва барои онҳо қурбониҳо кардан, онҳоро парастиданд ва намедонанд, ки ба ин амалашон онҳоро олиҳа гардондаанд.

Ва бидон, ки ло илоҳа иллаллоҳ ҳамон калимаи фарқкунанда байни куфр ва Ислом аст, пас касе онро аз рӯи донистани маънояш ва аз рӯи эътиқод доштани ба он гӯяд, пас дар Ислом дохил шуда ва аз аҳли Дори салом, Ҷаннат гаштааст.

Ва аммо касе гӯяд: Офаридгоре ҷуз Аллоҳ нест, ё ризқдиҳандае ҷуз Аллоҳ нест, ё Парвардигоре ҷуз Аллоҳ нест, ё мавҷуде ҷуз Аллоҳ нест[1], ё Аллоҳ мавҷуд аст, ё монанди ин, пас мусалмон намебошад ва на аз аҳли Дори салом аст. Ин калимаҳо агарчи калимаҳои ҳақ ҳастанд ва локин дар гуфтани он соири мардум аз мушрикон, маҷус, насоро, яҳуд ва дигарон ба ҷуз даҳриҳои моддӣ[2] шарик ҳастанд, ҳамчуноне ки Қуръон ба ин шаҳодат медиҳад[3].

---

[1] Баёни муфассали инро дар рисолаи "Таҷрид-ут-тавҳид-ил-муфид"-и имом шайх Тақиюддини Мақризӣ раҳимаҳуллоҳро назар кун! Ба таҳқиқи ман аст. Муфид аст, ки инҷо зикр кунам, ки бисёри ҷамоатҳои исломӣ ба тавҳид эҳтимом намедиҳанд ва баъзеашон гумон мекунад, ки ба тавҳид аҳамият медиҳад, локин он дар воқеъ он чиро ки муаллиф дар инҷо танбеҳ додааст, зикр мекунад ва онро тавҳиди рубубият номида мешавад, ки мушрикони Макка ба он эътиқод доштанд, ҳақиқати онро медонистанд, ҳамчуноне ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло мефармояд: "Ва агар онҳоро бипурсӣ, кӣ осмонҳо ва заминро офаридааст, ҳароина мегӯянд Аллоҳ". (Сураи Луқмон, ояти: 25) Ва сухани ояндаи муаллифро дар мобаъд назар кун!

[2] Онон мулҳидон ҳастанд.

[3] Таълиқи пеш аз инро назар кун!

Пас ба ин таҳқиқ собит шуд, ки зикри нофеъи наҷотбахш аз азоби Аллоҳ таъоло ҳамон: Ло илоҳа иллаллоҳ[1] аст ва барои Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Ло илоҳа иллаллоҳ беҳтарин зикр аст"**.[2]

Пас он қавлеро, ки авом аз даҳонҳо мегиранд ва каси пасте, ки иддиои илму дин дорад, аз гуфтаашон: Аллоҳ вуҷуд дорад, ё Парвардигоре ҷуз Аллоҳ нест, ё офаридгоре ҷуз Аллоҳ нест, ё монанди ин, пас аз хусусиятҳои Ислом нест, балки дар он мушрикон, яҳуд, насоро ва маҷус муштараканд, пас огоҳ шав ва андеша кун ва куру кар мабош, ки ҳар киро, ки садо баланд кунад, тақлид намоӣ!

Бидон, ки кофиронеро, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба сӯи имон ва тавҳид даъват кард ва бо онон ҷангид ва ононро кушт, барои Аллоҳ тавҳиди рубубиятро эътироф доштанд ва ин ки ҷуз Аллоҳи якка касе халқ намекунад, ризқ намедиҳад, зинда намекунад,

---

[1] Дар ин рад бар касест, ки зикри ба исми муфрад "Аллоҳ", "Аллоҳ"-ро иҷозат медиҳад, монанди Саъид Ҳаво дар китобаш "Тарбиятуно ар-руҳия" (саҳ: 114) ва ҳатман китоби "ал-Убудият" (саҳ: 158-159)-и Шайхи Ислом Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳро назар кун! Ва ба зуди муаллиф (дар саҳ: ) бештар баён мекунад.

[2] Инро Насоӣ дар "Амал-ул-явми ва-л-лайла" ривоят кард, ҳамчуноне ки дар "Туҳфат-ул-ашроф" (2/190) аст ва Тирмизӣ (3383) ва Ибни Моҷа (3800) ва Хароитӣ дар "Фазилат-уш-шукр" (7) ва Ибни Ҳиббон (2326-Маворид) ва Ҳоким (1/503) ва Ибни Абдулбар дар "ат-Тамҳид" (6/42-43) ва Бағавӣ дар "Шарҳи суннат" (5/49) ривоят карданд. Ва инро ба лафзи: "Беҳтарин дуо..." Ибни Абӯддунё дар "Китоби шукр" (103) ва Байҳақӣ дар "Асмо ва сифот" (саҳ: 105) ривоят кардаанд ва ин ҳадиси ҳасан аст.

намемиронад ва умурро тадбир намекунад, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло дар сураи Юнус мефармояд:

﴿ قُلۡ مَن يَرۡزُقُكُم مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِ أَمَّن يَمۡلِكُ ٱلسَّمۡعَ وَٱلۡأَبۡصَٰرَ وَمَن يُخۡرِجُ ٱلۡحَيَّ مِنَ ٱلۡمَيِّتِ وَيُخۡرِجُ ٱلۡمَيِّتَ مِنَ ٱلۡحَيِّ وَمَن يُدَبِّرُ ٱلۡأَمۡرَۚ فَسَيَقُولُونَ ٱللَّهُۚ ﴾ يونس: ٣١

**"Бигӯ: Кӣ шуморо аз осмон ва замин рӯзӣ медиҳад? Кист ки молики шунавоӣ ва биноиҳост? Ва кӣ зиндаро аз мурда берун меорад ва мурдаро аз зинда берун меорад? Ва кӣ кори (ҷаҳон)-ро тадбир мекунад? Пас хоҳанд гуфт: Аллоҳ"**. (Сураи Юнус, ояти: 31)

Ҳамчуноне ки ман ин масъаларо дар китобам "Авзаҳ-ул-бурҳон фи тафсири Умми-л-Қуръон"[1] чуноне ки шоистаи тафсилу баён аст, тафсилу баён кардам. Пас огоҳ шав!

Ин масъала бузургу хело муҳим аст ва он ин аст, ки кофирон ба ҳамаи ин шоҳид ва эътирофгар буданд ва бо вуҷуди ин, ин онҳоро дар дини Ислом дохил накард ва хуну молҳои онҳоро ҳаром нагардонид. Ва сабабаш ин аст, ки онҳо барои Аллоҳ ба тавҳиди улуҳият шаҳодат надоданд ва ин ки ҷуз Аллоҳи ягона, ки Ӯро шарике нест, касе ба дуо хонда намешавад ва аз касе умед карда намешавад ва ба ғайри Ӯ фарёдрасӣ карда намешавад ва барои ғайри Ӯ қурбонӣ ва назр карда намешавад, на

[1] Дар матбаъаи Умм-ул-қуро дар Маккаи Мукаррама соли (1358 ҳиҷрӣ) чоп шудааст, ҳамчуноне ки худи муаллиф раҳимаҳуллоҳ дар китоби "Ҳал-ил-муслим" (саҳ: 85) гуфтааст ва ман наёфтам.

барои малоикаи муқарраб ва на барои паёмбари фиристодашуда, пас касе ба ғайри Аллоҳ фарёдрасӣ кунад, пас кофир мешавад ва касе барои ғайри Аллоҳ қурбонӣ ва назр кунад, ширк овардааст[1] ва касе ба ғайри Аллоҳ савганд ёд кунад, пас ширк овардааст[2].

Пас, эй бародаронам аз Аллоҳ-Аллоҳ битарсед, ба асли динатон ва аввалу охири он ва аслу асоси он чанг бизанед, огоҳ бошед, он шаҳодат додани "ло илоҳа иллаллоҳ" аст ва маънои онро бидонед ва ба тоғутҳо кофир шавед ва бо онҳо душманӣ кунед ва касе ки онҳоро дӯст медорад, бад бинед, пас дар роҳи Аллоҳ дӯст доштан ва бад дидан аз имондорӣ аст. Эй Аллоҳ моро мусалмон бимирон ва бо накӯкорон бипайванд.

Ва шакке нест, ки аввалин чизе ки Аллоҳ таъоло бар бандагонаш фарз гардонда аст, ба Аллоҳ имон овардан ва ба тоғут кофир шудан аст:

﴿ وَلَقَدۡ بَعَثۡنَا فِي كُلِّ أُمَّةٖ رَّسُولًا أَنِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَٱجۡتَنِبُواْ ٱلطَّٰغُوتَ ﴾ النحل: ٣٦

[1] Аллоҳ субҳонаҳу мефармояд: **"Бигӯ: Албатта намози ман ва ибодат (ва қурбонии) ман ва зиндагӣ ва марги ман ҳама барои Аллоҳ Парвардигори ҷаҳониён аст, шарике барои Ӯ нест ва ба ин амр шудаам ва ман нахустин мусалмонам"**. (Сураи Анъом, ояти: 162-163).

[2] Ҳамчуноне ки аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривояти саҳеҳ омада аст, Таёлисӣ (1896) ва Аҳмад (2/34, 86) ва Абӯдовуд (3251) ва Тирмизӣ (1535) ва Ибни Ҳиббон (1177-Маворид) ва Ҳоким (1/18), (4/231) ва Байҳақӣ (10/29) аз Ибни Умар ривоят карданд.

**"Албатта Мо дар ҳар уммате паёмбаре фиристодем, ки Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут иҷтиноб кунед"**. (Сураи Наҳл, ояти: 36)

﴿أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ يَزۡعُمُونَ أَنَّهُمۡ ءَامَنُواْ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيۡكَ وَمَآ أُنزِلَ مِن قَبۡلِكَ يُرِيدُونَ أَن يَتَحَاكَمُوٓاْ إِلَى ٱلطَّٰغُوتِ وَقَدۡ أُمِرُوٓاْ أَن يَكۡفُرُواْ بِهِۦ وَيُرِيدُ ٱلشَّيۡطَٰنُ أَن يُضِلَّهُمۡ ضَلَٰلَۢا بَعِيدٗا ٦٠﴾ النساء: ٦٠

**"Оё надидӣ касонеро, ки гумон мекунанд ба он чи бар ту нозил шуда ва ба он чи пеш аз ту нозил шудааст, имон овардаанд, (вале) мехоҳанд барои доварӣ назди тоғут (ва ҳуккоми саркаш) бираванд бо он ки ба онҳо дастур дода шуда, ки ба ӯ куфр варзанд ва шайтон мехоҳад гумроҳашон кунад (ва ба) гумроҳии дуре (биафканад)"**. (Сураи Нисо, ояти: 60)

Пас сифати куфри ба тоғут ин аст, ки ботил будани ибодати ғайри Аллоҳро эътиқод намоӣ ва онро тарк кунӣ ва бад бубинӣ ва аҳли онро кофир бишуморӣ ва бо онҳо душманӣ кунӣ. Ва маънои имони ба Аллоҳ ин аст, ки эътиқод кунӣ, ки Аллоҳ ҳамон илоҳи маъбуди ягона аст на ғайри Ӯ ва ҳамаи анвои ибодатро барои Аллоҳи ягона холис гардонӣ ва ибодатро аз ҳар маъбуде ҷуз Ӯ нафй кунӣ.

Ва тоғут дар ҳамаи анвои ибодат омм аст. Пас ҳар чизе ки ҷуз Аллоҳ парастида шавад ва ба ибодат розӣ шавад,

аз маъбуд ё матбӯъ (пайравишуда) ё итоатшуда дар ғайри тоати Аллоҳ ва расулаш, пас вай тоғут аст. Ва ибодат итоат аст:

﴿أَلَمْ أَعْهَدْ إِلَيْكُمْ يَٰبَنِيٓ ءَادَمَ أَن لَّا تَعْبُدُواْ ٱلشَّيْطَٰنَۖ إِنَّهُۥ لَكُمْ عَدُوٌّ مُّبِينٌ ٦٠﴾ يس

**"Эй фарзанди Одам оё бо шумо паймон набастам, ки шайтонро напарастед, ки ӯ барои шумо душмани ошкор аст"**. (Сураи Ёсин, ояти: 60)

Ҳамчуноне ки дар сураи Ёсин аст ва инчунин дар сураи Марям аст, Иброҳим алайҳис салом барои падараш гуфт:

﴿يَٰٓأَبَتِ لَا تَعْبُدِ ٱلشَّيْطَٰنَۖ إِنَّ ٱلشَّيْطَٰنَ كَانَ لِلرَّحْمَٰنِ عَصِيًّا ٤٤﴾ مريم: ٤٤

**"Эй падарам! Шайтонро парастиш макун, зеро ки шайтон нисбат ба Аллоҳи Раҳмон нофармон буд"**.

(Сураи Марям, ояти: 44)

Инсон ба Аллоҳ мӯъмин намебошад, магар баъди ба тоғут кофир шуданаш, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿فَمَن يَكْفُرْ بِٱلطَّٰغُوتِ وَيُؤْمِنۢ بِٱللَّهِ فَقَدِ ٱسْتَمْسَكَ بِٱلْعُرْوَةِ ٱلْوُثْقَىٰ لَا ٱنفِصَامَ لَهَاۗ وَٱللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ٢٥٦﴾ البقرة: ٢٥٦

**"Пас ҳар кас ба тоғут кофир шавад ва ба Аллоҳ имон орад, пас ба ростӣ, ки ба ресмони устуворе чанг задааст, ки онро кандан нест ва Аллоҳ шунавои доност"**. (Сураи Бақара, ояти: 256)

❁ ❁ ❁ ❁ ❁

## (7)

Пас ҷомеъ барои ибодати Аллоҳ таъолои ягона, албатта ҳамон тоати Ӯ ба ба ҷо овардани амрҳояш ва аз наҳйкардаҳояш иҷтиноб кардан аст. Ва анвои ибодат, ки танҳо барои Аллоҳ таъолои ягона салоҳият дорад, дуо, истионат (ёрӣ талаб кардан), истиғоса (фарёдрасӣ кардан), қурбонӣ, назр, хавф (тарс), умед, таваккул, инобат (бозгаштан), муҳаббат, хашийят (тарс), рағбат, раҳбат, бандагӣ кардан, рукӯъ, саҷда, хушӯъ (фурӯтанӣ), хор шудан ва таъзим, ки аз хусусиятҳои улуҳият аст, мебошад.

Пас касе чизе аз ин анвоъро барои ғайри Аллоҳ таъоло сарф кунад, пас ба Аллоҳ ғайрашро шарик гардонда аст ва дар ибодат ширк овардан Исломро нақз мекунад, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло:

﴿ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُ ﴾ النساء: ٤٨

**"Ҳамоно Аллоҳ мағфират намекунад, ки ба Ӯ ширк оварда шавад ва ба ҷуз ин барои ҳар ки бихоҳад, мағфират мекунад"**. (Сураи Нисо, ояти: 48)

﴿ مَن يُشۡرِكۡ بِٱللَّهِ فَقَدۡ حَرَّمَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِ ٱلۡجَنَّةَ وَمَأۡوَىٰهُ ٱلنَّارُۖ وَمَا لِلظَّٰلِمِينَ مِنۡ أَنصَارٖ ٧٢ ﴾ المائدة: ٧٢

Ва **"ҳар кас ба Аллоҳ ширк оварад, Аллоҳ Ҷаннатро бар ӯ ҳаром кардааст ва ҷойгоҳи ӯ Дӯзах аст ва ситамгоронро ёваре нест"**. (Сураи Моида, ояти: 72)

Ва аз ҷумлаи он барои ғайри Аллоҳ қурбонӣ кардан аст, монанди касе ки барои ҷин ё қабр қурбонӣ мекунад ё дар байни худ ва байни Аллоҳ воситаҳо мегирад, онҳоро ба дуо мехонад ва аз онҳо шафоат талаб мекунад ва бар онҳо таваккул мекунад, пас ин ба иҷмоъ куфр аст.[1]

Ва Тирмизӣ ва Абӯдовуд[2] аз Савбон разияллоҳу анҳу аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят карданд, ки фармуд: **"Қиёмат барпо намешавад, то ки қабилаҳое аз уммати ман ба мушрикон бипайвандад ва то ки гурӯҳи бисёре аз уммати ман бутҳоро бипарастад"**.

Ибни Ҳаҷари Ҳайтамӣ дар китобаш "аз-Завоҷир"[3] ва фақеҳи ҳанафӣ дар "Табйин-ил-маҳорим"[4] мегӯяд: "Касе дар ибодати Аллоҳ ғайрашро шарик орад, ба иҷмоъ кофир мешавад ва агар бар ин идома диҳад, кушта мешавад, мисли мурдагонро барои ҷалби хайр ё дур кардани зарар ба дуо муроҷиат кунад. Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои Ибни Аббос разияллоҳу

---

[1] "ад-Дурр-ун-назид"-и Шавкониро назар кун! Ба таҳқиқи ман аст.

[2] Тирмизӣ (2177) ва Абӯдовуд (4252) ва иснодаш саҳеҳ аст.

[3] аз-Завоҷир фи уқубати аҳл-ил-кабоир (1/30).

[4] Ӯ шайх Синонуддин Юсуфи Амосӣ, дар Макка тақрибан соли (976 ҳиҷрӣ) вафот кардааст, тарҷумаи ҳолаш дар "ал-Аълом" (8/241) ва "аш-Шузурот" (8/412) ва Кухола дар "Мӯъҷам-ул-муаллифин" (13/311) зикр кард, вафоташ соли (1000 ҳиҷрӣ) аст, пас хато кардааст.

анҳумо фармуд: **"Ҳаргоҳ пурсидӣ, пас аз Аллоҳ бипурс ва ҳаргоҳ ёрӣ хостӣ, пас аз Аллоҳ ёрӣ бихоҳ"**[1]".

Ва Тирмизӣ аз Абӯвоқиди Лайсӣ разияллоҳу анҳу ривоят кард, ки ӯ гуфт: Мо бо Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба сӯи Ҳунайн баромадем ва Қурайш ва мушрикон дарахти сабзи бузурге доштанд, ҳар сол пеши он меомаданд, пас бар он силоҳҳояшонро овезон мекарданд ва дар назди он эътикоф менишастанд ва барои он қурбонӣ мекарданд, онро Зоти анвот гуфта мешуд. Пас гуфтем: Эй Расулуллоҳ, барои мо Зоти анвот бигардон, ҳамонгуна ки барои онҳо Зоти анвот аст! Пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Ин ҳамонанди он аст, ки қавми Мусо ба Мусо алайҳис салом гуфт: Барои мо илоҳ қарор бидеҳ, ҳамчуноне ки барои онҳо илоҳ аст, ҳароина ба роҳу равиши касоне ки пеш аз шумо буданд, меравед..."**, то охири ҳадис.

Имом Шиҳобуддин Абдурраҳмони Шомӣ маъруф ба Абӯшома дар китобаш "ал-Боис ало инкор-ил-бидаъи ва-л-ҳаводис"[2] гуфт: Имом Абӯбакри Тӯртушӣ[3] раҳимаҳуллоҳу таъоло гуфт: Аллоҳ шуморо раҳмат кунад нигоҳ кунед

---

[1] Инро Аҳмад (1/293) ва Тирмизӣ (2516) ва Ибни Суннӣ (425) ва санадаш ҳасан аст ва Ҳофиз Ибни Раҷаб дар шарҳи ин рисолае дорад, номаш: "Танвир-ул-миқбос..." ба таҳқиқ ва тахриҷи ҳадисҳои он бародар Муҳаммад Носир ал-Аҷмӣ, Аллоҳ ӯро ҳифз кунад, қоим шудааст.

[2] Саҳ: 24.

[3] Дар китобаш "ал-Ҳаводис ва-л-бидаъ" ва ман онро таҳқиқ кардам ва онро Дори Ибни Ҷавзӣ дар Дамом нашр кард.

дар куҷое дарахти сидра ё дарахтеро мардум қасд мекунанд ва онро таъзим мекунанд ва аз ҷониби он некӣ ва шифоро умед мекунанд ва дар он силоҳҳояшонро овезон мекунанд ва бар он меххо мезананд ва латапорчаҳо мебанданд, пас он зоти анвот аст, пас онро қатъ намоед.

Пас, Аллоҳ таъоло туро раҳмат кунад ин суханро андеша кун, ин ки он чизеро ки имрӯз омма дар замони мо дар сутунҳо, дарахт, санг ва мавзеъҳои махсус мекунад, албатта он мисли феъли мушрикон дар зоти анвот аст. Пас маълум мешавад, ки ширк дар ин уммат аз замонҳои дароз пайдо шудааст, пас бар касе ки тавонӣ дур кардани онро дорад, воҷиб аст, ки онро дур кунад, пас вой бар олимон, амирон ва қозиҳое, ки бар дур кардани он қудрат доранд, сукут кардаанд.

Ва бидон, ки зиёдаравӣ дар ҳаққи шайхҳо манъ карда шудааст, пас ҳар кӣ дар паёмбаре ё марди неке[1] ғулув кард ва дар вай навъе аз илоҳиятро қарор дод, монанди ин ки бигӯяд: Эй сайиди фалонӣ маро нусрат деҳ, ё ба фарёди ман бирас ё маро ризқ деҳ ё ман дар паноҳи ту ҳастам ё монанди ин, пас ҳамаи ин ширк ва гумроҳӣ аст, тавба дода мешавад[2] ва агар тавба накунад, кушта мешавад.

---

[1] Ҳамчуноне ки аз Валии Ақбовӣ гузашт!

[2] Аз тарафи ҳокими мусалмон дар сояи давлати Исломӣ.

Албатта Аллоҳ таъоло расулонро фиристод ва китобҳоро нозил кард, то танҳо парастида шавад ва бо Ӯ илоҳи дигаре гирифта нашавад ва касоне ки бо Аллоҳ олиҳаи дигареро мехонад, мисли Масеҳ, малоика ва бутҳо, эътиқод надоштанд, ки онҳо халоиқро меофаранд ё боронро нозил мекунанд ё гиёҳҳоро мерӯёнанд ва албатта онҳоро ё қабрҳои онҳоро ё суратҳои онҳоро мепарастиданд ва мегуфтанд: Мо инҳоро мепарастем, то моро ба Аллоҳ наздиктар созанд ﴿ هَٰٓؤُلَآءِ شُفَعَٰٓؤُنَا عِندَ ٱللَّهِ ﴾ يونس: ١٨ **"Инҳо шафоатгарҳои мо дар назди Аллоҳ ҳастанд"**, (сураи Юнус, ояти: 18).

Пас Аллоҳ расулонашро фиристод, аз ин ки касе ҷуз Ӯро ба дуо мехонад, чи дуои ибодат бошад ва чи дуои фарёдрасӣ наҳй кунанд ва аз савганд ёд кардани ба ҷуз Аллоҳ наҳй кард ва фармуд: **"Касе ба ҷуз Аллоҳ савганд ёд кунад, пас ба ростӣ ширк овардааст"**.[1]

Ва аз таъзими қабрҳо ва онҳоро масҷид гирифтан наҳй кард[2], чаро ки аз бузургтарин асбоби парастидани бутҳо, таъзими қабрҳост. Барои ин олимон, Аллоҳ таъоло онҳо-

---

[1] Аз рӯи таълиқ тахриҷаш гузашт.

[2] Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: "Аллоҳ яҳуду насорорo лаънат кунад, қабрҳои анбиёашонро масҷид гирифтанд", инро Бухорӣ (1/532) ва Муслим (1/377) аз Оиша ва Ибни Аббос ривоят карданд ва аз Абӯҳурайра ба таври мухтасар монанди инро ривоят карданд. Ва "Таҷрид-ут-тавҳид-ил-муфид"-и Мақризиро назар кун! Ба таҳқиқи ман аст. Ва шайхамон аллома Албонӣ китоби "Таҳзир-ус-соҷид мин иттихоз-ил-қубури масоҷид" дорад ва он дар боби худаш муфид аст.

ро раҳмат кунад, иттифоқ карданд[1], ки касе дар вақти зиёрати қабри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, бар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам салом дод, ҳуҷраи Ӯро масҳ намекашад ва бӯса намекунад, чаро ки масҳу бӯса кардан дар аркони Каъба мебошад, пас хонаи махлуқ ба хонаи Холиқ ташбеҳ карда намешавад[2], ҳамаи ин ба хотири таҳқиқи тавҳид аст, ки он асли дин аст ва асоси он аст, ки Аллоҳ амалеро бе он қабул намекунад. Ин ҳамон маънои ло илоҳа иллаллоҳ аст.

Ибни Қайим дар "Шарҳ-ул-манозил"[3] мегӯяд: Ва ширк ин аст, ки ҷуз Аллоҳ ҳамсон ва монанд гирад, онро дӯст дорад, ҳамчуноне ки Аллоҳро дӯст медорад, балки бисёри онҳо олиҳаҳояшонро аз муҳаббати Аллоҳ дида бузургтар дӯст медоранд ва барои паст задани олиҳаҳояшон ва маъбудонашон аз шайхҳо ғазаб мекунанд бузургтар аз оне ки нафаре Парвардигори оламиёнро паст занад ғазаб кунанд. Мо инро ошкоро мушоҳида кардем[4] ва якеи онҳоро мебинӣ, ки дар вақти хестан ва шиштанаш номи илоҳ ва маъбудашро ба забон меорад ва агар лағжад ва тарсад ва ӯ инро инкор намекунад ва

---

[1] Муаллиф раҳимаҳуллоҳу таъоло китоби "ал-Мушоҳадот-ул-маъсумия инда қабри хайр-ил-бария" дорад ва он аз китобҳои нофеъ аст ва ман онро таҳқиқ кардам ва ба зудӣ иншоаллоҳ нашр мешавад.

[2] Дар ин иллатоварӣ назар аст, ҳамонгуна ки пӯшида намебошад.

[3] Он "Мадориҷ-ус-соликин" (1/339-344) аст ва муаллиф дар нақл карданаш тасарруф кардааст.

[4] Ва мо низ мушоҳида кардем.

инро боби ҳоҷаташ ба сӯи Аллоҳ ва шафоатгари ӯ дар назди Аллоҳ медонад. Ва бутпарастон ҳамчунин буданд ва Аллоҳ таъоло бар онҳо дар Қуръон ҳаминро инкор ва ботил гардонда буд ва хабар дод, ки ҳамаи шафоат аз они Ӯст ва Қуръон аз монанди ин пур аст.

Ва локин бисёри мардум дар дохил шудани воқеъ дар зимни инро эҳсос намекунад ва гумон мекунад, ки ин дар қавме буд, ки гузаштанд ва ворисе нагузоштаанд. Ин ҳамон чизест, ки байни шахс ва байни фаҳмидани Қуръон монеа мешавад, ҳамчуноне ки Умар ибни Хаттоб разиял-лоҳу анҳу гуфт: *"Албатта аҳкоми ислом ҳукм-ҳукм аз байн меравад, ҳаргоҳ дар Ислом касе нашъунамо ёбад, ки ҷоҳилиятро намедонад"*.

Ин ба хотири он аст, ки ширк ва он чиро ки Қуръон айб гирифта ва мазаммат кардааст, намедонад, пас дар он воқеъ шавад ва онро эътироф кунад ва ҳоло он ки ӯ намедонад. Ба Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳу гуфта шуд: Фалонӣ шарро намедонад? Гуфт: *"Ин шоистатар аст, ки дар он воқеъ шавад"*.

Ва аз навъҳои ширк: Аз мурдагон ҳоҷат хостан ва ба онҳо фарёдрасӣ кардан ва ба онҳо рӯ овардан аст ва ин асли ширк дар олам аст, пас онҳоро зиёрати ибодат карданд ва қабрҳои онҳоро бутҳое гирифтанд, ки парастида мешавад.

❁ ❁ ❁ ❁ ❁

## (8)

Эй бародари дар роҳи Аллоҳ азза ва ҷаллаи ман, бидон ки бо мо ду асли бузург аст:

**Якумаш:** Ин ки танҳо Аллоҳро бипарастем.

**Дуюм:** Ӯро напарастем, магар ба чизе ки шаръ гузошта аст ва Ӯро ба ибодати пайдошуда напарастем.

Ин ду асл[1] ҳамон таҳқиқи шаҳодати нест маъбуди ҳақ ба ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст, мебошад. Дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аз Оиша разияллоҳу анҳо аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят аст, ки фармуд: **"Касе дар дини мо чизе пайдо кунад, ки аз он нест, пас он радшуда аст"**. Ҳамчуноне ки собиқ зикр кардем.[2]

Барои ин фақеҳҳо гуфтанд: "Мабнои ибодатҳо бар пайравӣ аст на бар навоварӣ" ва бар ин асаре ки дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аст, низ далолат мекунад, аз Умар разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Ҳаҷар-ул-асвад (санги сиёҳ)-ро бӯсид ва гуфт: "Қасам ба Аллоҳ ман медонам, ки ту санг ҳастӣ, зарару фоида намерасонӣ ва агар ман Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро намедидам, ки туро бӯса кард, туро бӯса намекардам", пас андеша ва фикр кун ва огоҳ шав ва аз ҷумлаи ғофилон мабош!

---

[1] Шайхи Ислом Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ китоби некаш "ал-Убудият"-ро бар ҳамин ду асл бино кардааст, пас онро муроҷиа кун! Ба таҳқиқи ман ҳаст.
[2] Тахриҷаш дар саҳ: ( ) гузашт.

Ва касе оятҳои қуръониро андеша кунад, барояш маънои ло илоҳа иллаллоҳ баён мешавад. Ва фармудаи Аллоҳ таъоло: ﴿ ٱتَّخَذُوٓاْ أَحۡبَارَهُمۡ وَرُهۡبَٰنَهُمۡ أَرۡبَابٗا مِّن دُونِ ٱللَّهِ ﴾ **"Донишмандон ва обидони худро ба ҷуз Аллоҳ арбоб гирифтанд"**, (сураи Тавба, ояти: 31)-ро фикр кун! Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои Адӣ ибни Абӯҳотим разияллоҳу анҳу тафсир кард, ки он чанг задан ба сухани мардон аст.[1]

Ва барои ин Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿ وَمَآ أُمِرُوٓاْ إِلَّا لِيَعۡبُدُوٓاْ إِلَٰهٗا وَٰحِدٗاۖ لَّآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۚ سُبۡحَٰنَهُۥ عَمَّا يُشۡرِكُونَ ٣١ ﴾ التوبة: ٣١

**"Дар ҳоле ки амр нашудаанд ки ҷуз Аллоҳи якторо, ки ҳеҷ маъбуде (ба ҳақ) ҷуз Ӯ нест, бипарастанд, Ӯ пок**

---

[1] Ин ба фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст: "Ҳаргоҳ онҳо барояшон чизеро ҳалол гӯянд, онро ҳалол шуморанд ва ҳаргоҳ бар онҳо чизеро ҳаром гӯянд, онро ҳаром гӯянд ва ин ибодати онҳост", ин ҳадисро Тирмизӣ (3095) ва Ибни Ҷарир (10/80, 81) ва Байҳақӣ (10/116) ва Миззӣ дар Таҳзиб-ул-камол (2/1090) ва Ибни Абӯҳотим (ҷ-4, қ-42, махтутоти Ҷомеаи Исломӣ) ва Табаронӣ дар "ал-Кабир" (17/92) ривоят кардаанд. Ва онро Сиютӣ дар "ад-Дурр-ул-мансур" (4/474) ва нисбати онро ба Ибни Саъд ва Абд ибни Ҳумайд ва Ибни Мунзир ва Абӯшайх ва Ибни Мардавайҳ афзуд ва иснодаш аз рӯи заъфи Ғутайф ибни Аъюн заиф аст.

Ва шоҳиди мавқуф бар Ҳузайфа дорад, аз рӯи ҳукм марфӯъ аст, онро Ибни Абӯҳотим (ҷ-4, қ-42, махтутоти Ҷомеаи Исломӣ) ва Байҳақӣ (10/116) ва Ибни Ҷарир (10/81) ва Ибни Абдулбар (2/133) ривоят карданд ва он мунқатиъ аст. Ва шайхамон Албонӣ дар "Ғоят-ул-маром" (6) инро ҳасан гуфт. Ва "Наҳҷ-ус-садид.." (саҳ: 53)-и Дусарӣ ва "Қатф-ул-осор" (саҳ: 154)-и Сиддиқ Ҳасанхон, ба таҳқиқи бародар Осими Қарютиро назар кун!

**ва муназзаҳ аст аз он чи шарики Ӯ қарор медиҳанд"**. (Сураи Тавба, ояти: 31)

Пас, ин чанг задан ибодат барои онҳост ва барои онҳо ҷуз Аллоҳ арбоб гаштанд:

﴿ وَلَا يَأۡمُرَكُمۡ أَن تَتَّخِذُواْ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةَ وَٱلنَّبِيِّـۧنَ أَرۡبَابًاۗ أَيَأۡمُرُكُم بِٱلۡكُفۡرِ بَعۡدَ إِذۡ أَنتُم مُّسۡلِمُونَ ٨٠ ﴾

آل عمران: ٨٠

**"Ва на ин ки ба шумо фармон диҳад, ки фariштагон ва паёмбаронро ба худоӣ бигиред, оё шуморо пас аз он ки мусалмон шудед, ба куфр фармон медиҳад!?"**.

(Сураи Оли Имрон, ояти: 80)

Пас касе ин оятҳоро ва ҳамонанди инро андеша кунад, барояш маънои ло илоҳа иллаллоҳ маълум мешавад ва барояш тавҳиде, ки онро бисёри касоне ки иддиои илм доранд, дар ин асрҳо инкор мекунанд, маълум мешавад ва балоҳои надонистани тавҳид баъди се аср ҳамаро фаро гирифт ва вақте ғулуви дар қабрҳои аҳли байт ва ғайрашон воқеъ шуд ва бар онҳо масҷидҳо ва барои онҳо машҳадҳо ва қуббаҳо бино ва сохта шуд, амр васеъ шуд ва вақте зиёдаравӣ дар мурдагон ва таъзими онҳо ба ибодат пайдо шуд, фитна дар ширке ки нафйкунандаи тавҳид аст, бузург гашт.

Ба ин умур маъруф мункар ва мункар маъруф ва бидъат суннат ва суннат бидъат гашта, бар ин хӯрдсол калон

шуда ва калонсол пир шудааст[1], пас сирри фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам: **"Ислом ғариб ибтидо шуд ва ба зудӣ боз мегардад ҳамчуноне ки ибтидо шудааст, пас хушо барои ғарибоне ки он чиро ки мардум фосид кардаанд, ислоҳ мекунанд"**[2].

Ва Тирмизӣ ва Ибни Абӯҳотим[3] аз Ибни Аббос разиял-лоҳу анҳумо аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят карданд, ки Ӯ фармуд: **"Аллоҳро ҳифз кун, Аллоҳ туро ҳифз мекунад. Аллоҳро ҳифз кун, Ӯро дар наздат меёбӣ. Аллоҳро дар ҳоли осудаҳолӣ бишинос, Ӯ туро дар ҳоли сахтӣ мешиносад. Ҳаргоҳ пурсидӣ, пас аз Аллоҳ бипурс ва ҳаргоҳ ёрӣ талабидӣ, пас аз Аллоҳ ёрӣ талаб кун! Ва бидон, албатта (ҳамаи) уммат агар ҷамъ шаванд бар ин ки туро фоида расонанд, ба ту фоида дода наметавонанд, магар ба чизе, ки Аллоҳ барои ту навистааст ва агар ҷамъ шаванд, ки туро ба чизе зарар расонанд, туро зарар расонда наметавонанд, магар ба**

---

[1] Ва монанди ин аз Ибни Масъуд собит шудааст, онро Дорамӣ (1/64) ва Ҳоким (4/514) ва Ибни Вазоҳ (34, 80) ривоят карданд ва санадаш саҳеҳ аст.

[2] Асли ҳадис дар Саҳеҳи Муслим (145) аст ва Ибни Моҷа (3086) ва Хатиб дар "Шарафу асҳоб-ил-ҳадис" (23) ва дар "Таърих"-аш (11/307) ва Аҳмад (2/389) ва Таҳовӣ дар "ал-Мушкил" (1/298) аз Абӯҳурайра ривоят карданд. Ва гуфтаи Ӯ: "Касоне ки он чиро мардум фосид карданд, ислоҳ мекунанд", инро Тирмизӣ (2/105) ва Ибни Адӣ (2/2080) ривоят кардаанд ва дар санадаш Касир ибни Абдуллоҳи Музанӣ аст, ӯ хело заиф аст.

[3] Тахриҷаш гузашт ва дар онҷо: "Аллоҳро дар ҳоли осудаҳолӣ шинос, Ӯ туро дар ҳоли сахтӣ мешиносад" нест ва ба ин лафз Аҳмад (1/307) ва Байҳақӣ дар "Асмо ва сифот" (75) ривоят карданд ва санадаш ҳасан аст.

**чизе ки Аллоҳ бар ту нависта аст. Ва саҳифаҳо хушк шуданд ва қаламҳо бардошта шуданд ва Аллоҳро дар яқин шукр кун "**.

Ва аз Имрон ибни Ҳусайн разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мардеро дид, ки дар дасташ ҳалқае аз мис аст, пас фармуд: **"Ин чист? Пас гуфт: Аз дарди бозӯ аст, пас фармуд: Онро бикаш, пас он ба ту ҷуз дард чизе намеафзояд, пас агар ту бимирӣ ва он дар дасти туст, ҳаргиз наҷот намеёбӣ"**.

Ривояти Аҳмад.[1]

Ва аз ҷумлаи ширк: Ба ҷуз Аллоҳ фарёдрасӣ кардан ё ҷуз Ӯро ба дуо хондан аст ва истиғоса талаби фарёдрасӣ аст ва он дур кардани сахтӣ аст, монанди истинсор талаби нусрат ва истионат талаби ёрӣ аст. Пас ҳар чизе ки ба он ҷуз Аллоҳ қасд шавад, ки бар он ғайри Аллоҳ касе қудрат надорад, монанди мурдагон ва ғоибонро ба дуо муроҷиат кардан, пас ин аз ширкест, ки Аллоҳ таъоло онро намебахшад, Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿ وَإِن يَمۡسَسۡكَ ٱللَّهُ بِضُرّٖ فَلَا كَاشِفَ لَهُۥٓ إِلَّا هُوَ ﴾الأنعام: ١٧

---

[1] Аҳмад дар Муснадаш (4/445) ва Ибни Моҷа ба таври мухтасар (3531) ва Ибни Ҳиббон (1410-Маворид) ба монанди ин ривоят кард ва дар санадаш Муборак ибни Фазола аст, ӯ мудаллису заифҳадис аст ва ан-ана кардааст. Ва инро Ибни Ҳиббон (141-Маворид) ва Ҳоким (2164) аз дигар тариқ ривоят кард ва дар санадаш Солиҳ ибни Рустум аст ва ӯ садуқ аст, бисёр хато мекунад ва Ҳасан аз Имрон нашунида аст!!

**"Агар Аллоҳ бихоҳад зиёне ба ту бирасонад, ҳеҷ кас ҷуз Ӯ наметавонад онро дафъ кунад"**. (Сураи Анъом, ояти: 17)

﴿ وَمَنۡ أَضَلُّ مِمَّن يَدۡعُواْ مِن دُونِ ٱللَّهِ مَن لَّا يَسۡتَجِيبُ لَهُۥٓ إِلَىٰ يَوۡمِ ٱلۡقِيَٰمَةِ وَهُمۡ عَن دُعَآئِهِمۡ غَٰفِلُونَ ٥ وَإِذَا حُشِرَ ٱلنَّاسُ كَانُواْ لَهُمۡ أَعۡدَآءٗ وَكَانُواْ بِعِبَادَتِهِمۡ كَٰفِرِينَ ٦ ﴾ الأحقاف: ٥ – ٦

**"Ва кӣ гумроҳтар аст аз он ки (маъбуде) ғайр аз Аллоҳро мехонад ки то рӯзи қиёмат (ҳам дуои) ӯро иҷобат накунад ва онҳо (маъбудони ботил) аз хондан (ва дуои) онон (комилан) бехабаранд?! Ва ҳангоме ки мардум (дар қиёмат) гирд оварда шаванд, онҳо (маъбудони ботил) душманонашон хоҳанд буд ва ибодаташонро инкор мекунанд"**. (Сураи Аҳқоф, ояти: 5-6)

Пас Аллоҳ таъоло хабар дод, ки ягон кас гумроҳтар аз касе нест, ки ҷуз Аллоҳро дуо мекунад, касе  ки бошад. Пас барои касе ки ҷуз Аллоҳро дуо мекунад, ғайри навмедӣ ва зиён чизе нест. Пас барои мушрик дар рӯзи қиёмат зидди қасдаш ҳосил мешавад ва ба дуо хонда шуда барои дуогӯ душман гардад, пас дуогӯи ғайри Аллоҳ дар ғояти гумроҳӣ аст. Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿ أَمَّن يُجِيبُ ٱلۡمُضۡطَرَّ إِذَا دَعَاهُ وَيَكۡشِفُ ٱلسُّوٓءَ وَيَجۡعَلُكُمۡ خُلَفَآءَ ٱلۡأَرۡضِۗ أَءِلَٰهٞ مَّعَ ٱللَّهِۚ قَلِيلٗا مَّا تَذَكَّرُونَ ٦٢ ﴾ النمل: ٦٢

**"(Оё ин бутҳо беҳтаранд) ё касе ки (дуои) музтар (дармонда)-ро иҷобат мекунад, чун ӯро бихонад ва**

**гирифториро бартараф месозад ва шуморо ҷонишинони замин қарор медиҳад, оё маъбуди дигаре бо Аллоҳ аст?! Чӣ андак панд мегиред"**. (Сураи Намл, ояти: 62)

Ва Табаронӣ[1] аз Убода ибни Сомит разияллоҳу анҳу ривоят кард, ки дар замони Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мунофиқе буд, ки мӯъминонро озор медод, пас баъзеашон гуфтанд: Биёед ба Расулуллоҳ аз ин мунофиқ фарёдрасӣ кунем, пас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Ҳамоно ба ман фарёдрасӣ карда намешавад ва ба Аллоҳ фарёдрасӣ карда мешавад"**.

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз фарёдрасӣ ба худашро аз рӯи ҳимояи ҷониби тавҳид ва аз рӯи бастани роҳҳои ширк манъ кард, аз тарси ин ки умматаш ба мурдагон, ғоибон, тоғутҳо, шайтонҳо, бутҳо ва ғайра фарёдрасӣ кунад, ки онон зарар ва фоида намерасонанд ва намешунаванд ва иҷобат намекунанд.

Ин ширки бузург воқеъ шуд, ки ба сабаби он бало фарогир шуд, ҳатто гумон карданд, ки майит мешунавад[2] ва фоида медиҳад, пас ислому имонро тарк карданд, ҳамчуноне ки бисёри ҷоҳилони ин умматро бар он мебинӣ.

❁ ❁ ❁ ❁ ❁

---

[1] Дар Маҷмаъ-уз-завоид (10/15) гуфт: Ва мардонаш мардони саҳеҳ аст, ҷуз Ибни Луҳайъа ва ҳадиси ӯ ҳасан аст. Мегӯям: Ҳаргоҳ ривояти Абдуллоҳҳо, ё касе ки дар табақаи онҳост аз ӯ бошад, вагарна ӯ заифу омехтакун аст.

[2] Аллома Олусӣ рисолаи "ал-Оёт-ул-байинот ало адами симоъ-ил-амвот" дорад. Ба таҳқиқи шайхамон аллома Албонӣ раҳимаҳуллоҳ чоп шудааст.

## (9)
## Фасли муҳим ва танбеҳи муфид

Эй бародарам дар роҳи Аллоҳ азза ва ҷалла бидон, ҳамчуноне ки қулфҳо гуногун ҳастанд, баъзеаш як дандона дорад ва баъзеаш ду дандона дорад ва баъзеаш чанд дандона дорад. Ҳар кадоми онҳо кушода намешавад магар ба калиди хосси он, пас ҳаргиз қулфе ки як дандона дорад ба калиде, ки чанд дандона дорад кушода намешавад ва акс инчунин аст.

Инчунин барои ибодатҳо ва тоатҳо шаклҳо ва ҳайатҳост, Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба беҳтарини баён онро баён кардааст, хоҳ феълӣ бошад ё қавлӣ, монанди ҳайати намоз, ки калиди он такбир (Аллоҳу акбар) ва хатми он салом додан аст ва ин ки мавзеи қироат қиём аст ва маҳали тасбеҳ рукӯъ ва саҷда аст ва инчунин. Пас касе онро ҳамчуноне ки баён карда ва анҷом додааст иҷро намояд, пас некбахт шуда ва аз ҷумлаи мақбулҳо гаштааст ва касе акс ё зиёд ё кам кунад, пас аз ҳад гузашта ва зулм карда ва аз ҷумлаи номақбулҳо гаштааст. Ва инчунин барои он мисолҳост, барои касе аз боақлҳо, ки андеша ва фикр мекунад, баёну ошкор мегардад, эй Аллоҳ мо Туро мепурсем, ки моро аз ҷумлаи онон гардонӣ.

Барои чӣ, ин инчунин аст? Зеро ки дин ва ибодатҳо давое аз таркиби ҳакими донои огоҳ, Аллоҳи парвардигори осмонҳо ва замин, ки азизу ҳаким аст, мебошад. Пас воҷиб аст, ки онро ҳамчуноне ки ба воситаи расулаш Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам амр ва баён карда аст, адо карда шавад, ҳамчуноне ки табиби моҳири аз ба шар баъде ки дардро медонад, барои он давои мураккаб аз ашёро бар миқдори хос таъйин мекунад, пас доруҳоро мувофиқи бемориҳо баъди маърифати он таъйин меку над, пас онро ба сабаби он давоҳо муолиҷа мекунанд, пас касе инро рӯ ба рӯ шавад, шояд ки онро фоида диҳад, пас сабаби офият ва саломатӣ гардад.

Аммо касе ки табибро мухолифат кунад ё худаш давоҳоро бемаърифати ҳақиқати хоссаҳо ва миқдори он таркиб кунад, пас шояд ки сабаби ҳалок шудани нафсаш ва ҳалок кардани ғайраш гардад, агар кор инчунин бошад, пас дониста шавад, ки дин ва ибодатҳо роҳҳо ва асбоб бароиислоҳи нафс ва пок кардани он аз бемориҳо ва ифлосиҳо ва ҳавову ҳавасҳои фосид аст, то ки соҳибаш лоиқи наздикии Аллоҳ таъолои офаридгори ҳаким ва ризогии Ӯ бошад.

Пас роҳҳои дин ва ибодатҳои дуруст, ҳамонест, ки Офаридгори халқ бар забони расулаш Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам баён кардааст, пас касе бар ин афзояд ё кам кунад, пас Ҳакими бисёр офаринандаи до-

норо ба сабаби аз пеши худаш давоҳоро таркиб карданаш мухолифат кардааст, пас шояд ки давояш дард ва ибодаташ маъсият гардад ва ӯ эҳсос намекунад, чаро дин ба пуррагӣ комил шудааст, пас касе дар он чизе зиёд кунад, пас динро ноқис гумон кардааст ва ӯ ба нек шумориданиᵃ[1] ақли фосидаш ва хаёли беарзишаш онро комил мекунад. Пас эй хасорату зиёни касе ки амраш ин аст, пас ба Аллоҳ аз куфри баъд аз имон ва аз гумроҳии баъди донистан паноҳ мебарем.

Пас ин чуноне ки бояд шинохт донистӣ, медонӣ, ки касоне ки автод ва аҳзоб ихтироъ кардаанд, монанди "Далоил-ул-хайрот"[2] ва қасидаи "Бурда"[3] ва "Ҳамзия" ва Авроद-ул-фатҳия ва ғайраш аз вирди фалон ва ҳизби фалон ва хатми хоҷагон аст, дар дин ашёе аз пеши худашон аз рӯи дурӯғ бастан бар Аллоҳ ва бар Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам зиёд кардаанд. Ва мегӯянд: Ин адад ва ин адад мегӯяд, ин ададро аз куҷо оварданд? Ва мегӯянд: Ҳизби рӯз инчунин ва инчунин аст, таъйини ин чиз барои онҳо дар ин рӯз аз куҷост[4]? Чӣ гӯӣ аз калимаҳои онҳо аз ширкиёт ва куфриёт ва махлуқро дар манзилати Холиқ мондан ва дуои мурдагон ва аз

---

[1] "Рисолат"-и имом Шофеӣ дар нақзи истеҳсон (1456-1468)-ро назар кун!

[2] Устод Хайриддини Вонлӣ муоризаи илмӣ барои ин ба китобаш "Далел-ул-хайрот" дорад ва он чопшудаву машҳур аст.

[3] Шайх Муҳаммаднасиби Рифоъӣ китоби "Нақз-ул-бурда ва баёни мо фиҳо мин абёт-иш-ширки ва-р-риддат" дорад ва он ҳануз махтут аст.

[4] Ин қоидаи хело муҳим дар дуоҳо ва зикрҳост, пас онро ҳифз кун!

махлуқҳо ҳоҷатҳо талаб кардан аст, ҳамчуноне ки бар касе аз оқилон, ки бар он иттилоъ дошта бошад, пӯшида намемонад.

Оё туро он дуоҳое, ки дар Қуръон омадааст ва авроде ки аз анбиё алайҳимус салом собит аст ва авроди вақтакӣ ва беқайди вақт ва шабонарӯзие, ки аз сайиди коинот сайиди мо Муҳаммад Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба санадҳои саҳеҳ омадааст, кифоягӣ намекунад, пас ҳаргоҳ он чи ки Расулуллоҳ ва ёронаш ва пайравони неки онҳо, алайҳимус салавоту ваттаслимотро кифоягӣ кард, туро кифоягӣ накунад, пас Аллоҳ ҳаргиз туро кифоягӣ накунад, пас огоҳ шав ва андеша кун ва аз ҷумлаи ғофилону гумроҳон мабош.

Пас ҳосил ин аст, ки маънои ло илоҳа иллаллоҳ: Маъбуди ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, мебошад, монанди фармудаи Аллоҳ таъоло: ﴿أَمَرَ أَلَّا تَعۡبُدُوٓاْ إِلَّآ إِيَّاهُۚ﴾ يوسف: ٤٠ **"Амр кард, ки ҷуз Ӯро напарастед"**. (Сураи Юсуф, ояти: 40) ва:

﴿إِيَّاكَ نَعۡبُدُ وَإِيَّاكَ نَسۡتَعِينُ ٥﴾ الفاتحة: ٥ **"Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ металабем"**. (Сураи Фотиҳа, ояти: 5)

Пас маърифати маънои илоҳ ва маънои ибодат зарурӣ аст. Пас бидон, ки илоҳ аз (алиҳа) яъне (сакана) аст, гуфта мешавад: Алиҳту ило фулон, яъне ба он ором шудам. Пас ақлҳои солим ором намегирад, магар ба зикри Аллоҳ ва арвоҳи некбахт шод намешавад, магар ба маърифати Ӯ,

чаро ки Ӯ мутлақо комил аст на ғайраш, Аллоҳ ҷалла зикруҳу мефармояд: ﴿أَلَا بِذِكۡرِ ٱللَّهِ تَطۡمَئِنُّ ٱلۡقُلُوبُ ٢٨﴾ الرعد: ٢٨ **"Огоҳ бошед дилҳо ба зикри Аллоҳ ором мешаванд"**. (Сураи Раъд, ояти: 28) Ва гуфта шуд: Алиҳ-ал-фасил[1], ҳаргоҳ ба модараш ором шавад.

Ва маънои он ин аст, ки бандагон банда гардондашуда ва дар ҳамаи аҳвол ба дуои Аллоҳ аз рӯи зорӣ ва илтиҷо барангехта шудаанд.

Ва гуфта шуд: Аз алиҳ-ар-раҷулу яълаҳу аст, ҳаргоҳ аз амре ки ба ӯ расида аст тарсида паноҳ барад, пас ӯро паноҳ диҳад. Пас паноҳдиҳандаи ҳамаи халқ аз ҳамаи зарарҳо ҳамон Аллоҳ субҳонаҳу аст, аз рӯи фармудаи Аллоҳ таъоло: ﴿وَهُوَ يُجِيرُ وَلَا يُجَارُ عَلَيۡهِ﴾ المؤمنون: ٨٨ **"Ва Ӯ паноҳ медиҳад ва касе дар баробари Ӯ паноҳ дода намешавад"**. (Сураи Мӯъминун, ояти: 88)

Ва гуфта шуд: Аз алиҳ-ар-раҷул аст, ҳаргоҳ ибодат ва бандагӣ кунад, ва тааллаҳа ҳаргоҳ ба зуҳд ва ибодат пардозад. Ва Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо қироат кард:

﴿وَيَذَرَكَ وَءَالِهَتَكَ﴾ الأعراف: ١٢٧ **"Ва ту ва маъбудонатро тарк кунад"**. (Сураи Аъроф, ояти: 127)[2] яъне ибодататро тарк кунад ва илоҳ ҳамон зотест, ки дилҳо аз рӯи муҳаббат,

---

[1] Фасил бачаи шутур, ё гов баъди аз модараш ҷудо шудан аст.
[2] Зод-ул-масир, (3/244)-ро назар кун!

бузург доштан, бозгаштан, икром, таъзим, хорӣ, шикастанафсӣ, тарс, умед, бар Ӯ таваккул кардан, аз Ӯ пурсидан ва барои Ӯ дуо хондан ибодат мекунанд ва ҳамаи ин салоҳият надорад магар барои Аллоҳи якка. Пас касе махлуқеро дар чизе аз ин умур, ки аз хусусиятҳои улуҳият аст, шарик созад, ин дар ихлоси ӯ дар қавли ло илоҳа иллаллоҳ айб мебошад ва дар ӯ аз парастиши махлуқ ба мувофиқи он чизе ки дар ӯ аз ин парастиш аст, мебошад, ҳамонгуна ки инро аллома Ибни Қайим дар китобаш "ал-Бадоиъ"[1] ва Ибни Таймия дар китобҳои бисёраш[2] таҳқиқ кардаанд.

Пас маънои ло илоҳа иллаллоҳ: Маъбуди ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, чаро ки илоҳ ҳамон маъбуди итоатшуда аст, пас илоҳ ҳамон маълуҳест, ки мустаҳиққ аст, ки парастида шавад ва мустаҳиқ будани Ӯ ба сабаби сифатҳоест, ки лозим месозад, ки Ӯ дар ниҳояти дӯст доштан, маҳбуб бошад ва барои Ӯ дар ниҳояти шикастанафсӣ хузӯъ карда шавад. Ва илоҳ ҳамон маҳбубу маъбудест, ки дилҳо ба дӯст доштани он ором мегирад ва барои Ӯ хузӯъ мекунад ва барои Ӯ хор мешавад ва аз Ӯ метарсад ва умед мекунад ва дар ҳолати сахтиҳо ба сӯи Ӯ боз мегардад ва дар муҳимматҳояш Ӯро ба дуо муроҷиат мекунад ва дар маслиҳатҳояш бар Ӯ таваккул мекунад ва ба сӯи Ӯ паноҳ

---

[1] Бадоиъ-ул-фавоид аст, чопшудаву дастрас аст.
[2] "Убудият"-и ӯро назар кун!

мебарад ва ба зикри Ӯ ором мегирад ва ба дӯст доштани Ӯ ором мешавад ва ин танҳо барои Аллоҳи ягона аст. Ва барои ин калимаи ло илоҳа иллаллоҳ росттарини калом аст ва аҳли он аҳли Аллоҳ ва ҳизби Ӯ ҳастанд ва инкоркунандагони он душманони Аллоҳ ва аҳли ғазаб ва азобаш ҳастанд. Пас ҳаргоҳ саҳеҳ карда шуд, ба сабаби он ҳамаи масъала, ҳол ва завқ саҳеҳ мешавад ва ҳаргоҳ банда онро саҳеҳ накунад, пас фасод барои ӯ дар илмҳо ва амалҳояш лозим меояд. Ин каломи ҳамаи аҳли суннат аст, пас эй саодати касе ки ба маърифати ҳақиқати дини Ислом ҳидоят шуд ва онро пайравӣ намуд.

Ва ло илоҳа иллаллоҳ ҳамон калимаи ихлос, ки нафйкунандаи ширк аст, мебошад.

Ва калимаи тақвост, ки гӯяндаашро аз ширк овардани ба Аллоҳ нигаҳ медорад ва локин гӯяндаашро дар назди Аллоҳ ва дар охират фоида намедиҳад, магар ба шартҳо:

**Аввал:** Донистани маънои он аз рӯи нафю исбот[1].

**Дуюм:** Яқин ва он камоли илм ба он, ки нафйкунандаи шак аст, мебошад.

**Сеюм:** Ихлос, ки нафйкунандаи ширк мебошад.

Пас касе ло илоҳа иллаллоҳ мегӯяд ва локин маънои онро намефаҳмад ва ба он амал намекунад, пас вай

[1] Барои наҷот дар ин илм ба таври муҷмал кифоягӣ мекунад, ҳамчуноне ки ба таври муфассал дар ғайри ин мавзеъ баён кардам, оре барои кутоҳӣ кардан дар омӯхтани он аҳком аст, ҳамааш ба мувофиқи он аст.

монанди хар аст, ки китобҳоро мебардорад ё монанди арази[1] безот аст, ё монанди рангӣ бемаза ва бебӯӣ хуш аст, ё монанди милтиқ ё силоҳи бетир аст, ё монанди мошин ё ҳавопаймои бе бензин аст...чаро ки Аллоҳ азза ва ҷалла фармуд: ﴿ فَٱعۡلَمۡ أَنَّهُۥ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا ٱللَّهُ ﴾ محمد: ١٩ **"Пас, бидон ки нест маъбуди ҳаққе ҷуз Аллоҳ"**. (Сураи Муҳаммад, ояти: 19)

Пас илм пеш аз гуфтан ва кардан мебошад, пас мадори амр бар қалб аст, пас агар қалб дилбохта ва мафтун ба ҷуз Аллоҳ бошад, пас ин қалб хароб ва бефоида аст ва бе саломати қалб чизе ба маҳзи амалҳои суварӣ (берунӣ) ва ибодатҳои одатӣ ҳосил намешавад, балки аввалан саломатии қалб зарурӣ аст, сипас амалҳои солиҳ, ҳамонгуна ки дар шариат омадааст, бе зиёду кам кардан адо кардан аст.

Бидон ки дар назди ҳакимон муайяншуда, ки модоме ки инсон бемор аст, аслан ӯро ғизо фоида намедиҳад ва агарчи аз болазаттарину нектарини таомҳо бошад, балки аввалан бемориро бартараф кардан зарур аст, ё ба дору ва ё ба доғ мондан ва ё ба буридан ва ё ба дигар илоҷҳо, сипас дар ҳосил кардани қувват ба ғизоҳои муносиб кушиш кардан аст. Пас инсон инчунин аст, модоме ки ба

[1] Араз он чизест, ки ба ғайраш қоим мешавад, пас имкон надорад ,ки аз он ҷудо бошад.

бемории қалб ба ширк ва монанди он гирифтор шудааст, аслан ӯро ибодат ва тоат фоида намедиҳад. Барои ин иҷмоъ карданд, ки тахлия (дур кардан) пеш ороиш додан муқаддам мебошад[1]. Ва ин маънои ло илоҳа иллаллоҳ аст, аввалан олиҳаҳои нафсӣ ва офоқиро нафй мекунӣ, сипас илоҳи воҳиди ягонаи бениёзро, ки назод ва зода нашуд ва касе бо Ӯ баробар намебошад, исбот мекунӣ.

❁ ❁ ❁ ❁ ❁

[1] Шарҳаш дар каломи муаллиф оиди бемор гузашт.

## (10)

Эй бародари ман дар роҳи Аллоҳ субҳонаҳу, алҳамду лиллоҳ, маънои ло илоҳа иллаллоҳро донистӣ, пас ҳоло маънои ибодатро дуруст бидон, то ки ба ҳавлу қуввати Аллоҳ ва фазли Ӯ аз ҷумлаи яктопарастони наҷотёфта бошӣ. Ва ибодат ниҳояти фурӯтанӣ аст, пас хузӯъ карда намешавад, магар барои Аллоҳ.

Ва ибодат: Тоат бар камолаш аст, пас тоат карда намешавад, магар Аллоҳро. Ва ибодат ҳамон тоат бо ниҳояти фурӯтанӣ аст ва ин ки лафзи ибод аз ибодат гирифта шуда аст, пас изофаи он ба Аллоҳ таъоло бисёр мешавад ва аммо лафзи абид, пас аз убудият гирифта шуда ба маънои ғуломӣ аст, пас изофаи он ба сӯи ғайри Аллоҳ таъоло бисёр мешавад.

Барои ин олимон гуфтанд: Ибодат дар луғат намебошад, магар барои Аллоҳ таъоло ва услубҳои дуруст ва истеъмоли арабии ошкор бар ин далолат мекунад, ки навъе аз хузӯъ аст, ки ҳадди ниҳоят расида аз эҳсоси қалбҳо ба азамати маъбуд сарчашма гирифта аст. Ибодат дар ҳар дине аз динҳо суратҳои бисёр дорад, барои ёдоварии инсон ба ин шуъур ба султони илоҳи олитар, ки он рӯҳи ибодат ва сирри он аст, машрӯъ шудааст.

Ибни Аббос дар тафсири: ﴿إِيَّاكَ نَعۡبُدُ﴾ الفاتحة: ٥ **" Танҳо Туро ибодат мекунем"** гуфт, яъне: Эй Парвардигори мо Туро

якка медонем ва аз Ту метарсем ва аз Ту умед мекунем, на аз ғайри Ту.[1]

Ва ибодат иборат аз чизест, ки камоли муҳаббат, хузӯъ ва тарсро ҷамъ меорад.

Ва ибодат итоат кардан аст, пас ҳар касе ба сухани дигаре бедалел чанг занад, пас ӯро парастида аст ва касе олимон ва амиронро дар ҳаром гардондани он чизе ки Аллоҳ ҳалол гардонда ё ҳалол донистани он чи Аллоҳ ҳаром гардондааст, итоат кунад, пас онҳоро арбоб гирифтааст.

Ва Абӯдовуд[2] ва Тирмизӣ ва ғайрашон аз Адӣ ибни Ҳотим разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки ӯ Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро шунавид, ки мехонд:

﴿ ٱتَّخَذُوٓاْ أَحۡبَارَهُمۡ وَرُهۡبَٰنَهُمۡ أَرۡبَابٗا مِّن دُونِ ٱللَّهِ ﴾

**"Донишмандон ва обидони худро ба ҷуз Аллоҳ арбоб гирифтанд"**, (сураи Тавба, ояти: 31) то охири оят. **Пас гуфтам: Онҳо эшонро намепарастиданд. Фармуд: "Оё он чиро Аллоҳ ҳалол гуфт, онҳо ҳаром наегуфтанд, пас онро ҳаром медонистед ва он чиро Аллоҳ ҳаром гуфт, ҳалол мешумориданд, пас онро ҳалол медонистед? Фармуд: Пас ин парастидани шумо онҳоро мебошад"**.

---

[1] Ин асарро Ибни Ҷарир ва Ибни Абӯҳотим аз Ибни Аббос ривоят карданд, ҳамчуноне ки дар "ад-Дурр-ул-мансур" (1/37-Т, 2) аст.

[2] Тахриҷаш гузашт ва инро Абӯдовуд ривоят накардааст, пас огоҳ шав!

Ва Аллоҳ таъоло дар васфи бандагони мӯъминаш мефармояд:

﴿إِنَّهُمۡ كَانُواْ يُسَٰرِعُونَ فِي ٱلۡخَيۡرَٰتِ وَيَدۡعُونَنَا رَغَبٗا وَرَهَبٗاۖ وَكَانُواْ لَنَا خَٰشِعِينَ ٩٠﴾ الأنبياء: ٩٠

**"Онҳо ҳамвора дар корҳои хайр мешитофтанд ва дар ҳоли тарс ва умед моро мехонданд ва пайваста барои Мо фурӯтан буданд"**. (Сураи Анбиё, ояти: 90)

Пас рағбат, раҳбат, хушӯъ ва ғайри ин аз анвои ибодат, монанди муҳаббат, дуо, таваккул ва монанди ин махсуси Аллоҳ таъолост, чизе аз он барои ғайри Аллоҳ салоҳият надорад, касе ки бошад.

Ва бидон, ки маъно ва муҳтавои ло илоҳа иллаллоҳ: Лозим гирифтани ибодати Аллоҳи ягона, Ӯро шарике нест ва ба он чизе ки ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, кофир шудан аст. Ин ҳамон асли дини Ислом ва қоидаи он аст, барои ин, ин калима калимаи Ислом ва калиди Дори салом (Ҷаннат) аст ва фарққунандаи халқ дар байни мӯъминон ва кофирон мебошад. Ва ин ҳамон фармудаи Аллоҳ таъолост: ﴿إِيَّاكَ نَعۡبُدُ وَإِيَّاكَ نَسۡتَعِينُ ٥﴾ الفاتحة: ٥ **"Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ металабем"**. (Сураи Фотиҳа, ояти: 5) ва ﴿أَمَرَ أَلَّا تَعۡبُدُوٓاْ إِلَّآ إِيَّاهُۚ﴾ يوسف: ٤٠ **"Амр кард, ки напарастед магар Ӯро"**, (сураи Юсуф, ояти: 40) ва:

﴿ وَمَآ أُمِرُوٓاْ إِلَّا لِيَعۡبُدُواْ ٱللَّهَ مُخۡلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ حُنَفَآءَ ﴾ البينة: ٥

**"Ва онон фармон нашуданд, ҷуз ин ки Аллоҳро бипарастанд дар ҳоле ки дини худро барои Ӯ холис гардонанд (ва аз ширк ва бутпарастӣ) ба тавҳид (ва дини Иброҳим) рӯй оваранд"**. (Сураи Байина, ояти:5)

Ва локин шайтон дар ҳила, макр ва фиреб додан нармӣ кард, то ки ширк ва ибодати солиҳонро бар бисёри касоне ки ба Ислом мансубанд дар қолаби муҳаббати солиҳон ва ба онон талаби шафоат кардан дохил кард ва ин ки барои онон шараф ва манзалат аст, ки ба он барои касе ки онҳоро ба дуо муроҷиат кунад ва ба онҳо паноҳ барад, шафоат мекунанд.

Аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам собит аст, ки фармуд: **"Дуо мағзи ибодат аст"**[1]. Пас ғайри Аллоҳ дар он чизе ки қудрат надорад, дуо карда намешавад.

---

[1] Ин лафз собит нест, пас Тирмизӣ (3371) аз Анас ривоят кард ва ба гуфтааш: "Ин ҳадис аз ин ваҷҳ ғариб аст, онро намедонем магар аз ҳадиси Ибни Лаҳиъа" заиф шуморид. Мегӯям: Таъйин шуда, ки ривояти ӯ ҳаргоҳ аз ӯ Абдуллоҳҳо ривоят кунанд ё касе ки дар табақаи онҳост, пас мақбул аст вагарна мақбул намебошад. Ва Мунзирӣ ҳадисро дар "ат-Тарғиб ва-т-тарҳиб" (2/482) овард ва онро ба сиғаи тамриз: (Ривоят шуд) оғоз кард! Ва локин ҳадис ба лафзи (Дуо ибодат аст) собит аст, ҳамчуноне ки муаллиф баъди андаке онро меорад, ривояти Ибни Муборак дар "аз-Зуҳд" (1298) ва Таёлисӣ (1252-тартиби ӯ) ва Аҳмад (4/268 ва 271 ва 276) ва Бухорӣ дар "Адаб-ул-муфрад" (714) ва Абӯдовуд (1479) ва Тирмизӣ (3372) ва Насоӣ дар "ал-Кубро" ҳамчуноне ки дар "Туҳфат-ул-ашроф" (9/30) аст ва Ибни Моҷа (3828) ва Бағавӣ (5/184) аз Нӯъмон ибни Башир ба санади саҳеҳ ривоят кардаанд.

Пас тавҳиди ибодат ин аст, ки ҳамаи анвои ибодатро барои Аллоҳ таъолои ягона хос намоӣ.

Ва аз анвои ибодат: Истионат (ёрӣ хостан), истиғоса (фарёдрасӣ кардан), дар сахтиҳо нидо кардан, умед, паноҳ бурдан, назр ва қурбонӣ кардан, пас чизе аз он намебошад, магар барои Аллоҳ ягона. Пас касе чизе аз инро барои махлуқи зинда ё майит ё ҷамодот кунад, пас дар ибодат шарик овардааст.

Ва касе ки барояш ин умур карда мешавад, барои обидонаш илоҳ мегардад, хоҳ малоика бошад, ё набӣ, ё валӣ, ё дарахт, ё санг, ё қабр, ё ҷиннӣ бошад ва ба ин ибодат ё ба кадом навъе аз он обиди ин махлуқ мегардад ва агарчи ба Аллоҳ эътироф кунад ва Ӯро бипарастад.

Пас эътирофи мушрикон ба Аллоҳ ва наздик шуданашон ба Ӯ, онҳоро аз ширк хориҷ накард, балки кофир шудан ба тоғутҳо ва ба ҳар он чизе ки ҷуз Аллоҳ парастида мешавад, зарур аст.

Ва Аллоҳ азза ва ҷалла фармуд:

﴿فَمَن كَانَ يَرْجُواْ لِقَآءَ رَبِّهِۦ فَلْيَعْمَلْ عَمَلًا صَٰلِحًا وَلَا يُشْرِكْ بِعِبَادَةِ رَبِّهِۦٓ أَحَدًۢا ﴿١١٠﴾﴾ الكهف: ١١٠

**"Пас ҳар кас ба вохӯрии Парвардигораш умед дорад, бояд кори шоиста анҷом диҳад ва ҳеҷ касро дар ибодати Парвардигораш шарик насозад"**. (Сураи Каҳф, ояти: 110)

Бидон ки бисёри мардум худашонро яктопараст меноманд ва онҳо монанди ҳамаи мушрикон мекунанд, яъне мурдагонро ба дуо муроҷиат кардан ва ба онҳо фарёдрасӣ кардан ва барои онҳо назр кардан ва локин онҳо ин амалҳояшонро ибодат наменоманд.

Пас дар луғат фасод меоранд, ҳамчуноне ки дар дин фасод меоранд ва онро тавассул ва шафоат меноманд ва касеро, ки ҷуз Аллоҳ ё бо Аллоҳ мехонанд, шарикон наменоманд ва локин номидани онҳоро ба авлиё ва шафоатгарон инкор намекунанд. Ва албатта ҳисобу ҷазо бар ҳақиқатҳост на бар номҳо. Ва агар аз ҷониби онҳо ҷуз дуои ғайри Аллоҳ ва нидои Ӯ барои қазои ҳоҷатҳо ва кушоиши душвориҳо набошад, ҳароина кофӣ аст, ки ин ибодат барои ӯ ва ширк ба Аллоҳ азза ва ҷалла аст.

Ва Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Дуо ибодат аст"**. Инро Абӯдовуд ва Тирмизӣ ривоят карданд.[1]

Ва ин ҳасри ибодати ҳақиқиро дар дуо ифода мекунад ва касе таъбири китоби азизро аз ибодати дар дуо, дар бештари оятҳои дар ин омада андеша кунад, медонад, ҳамчуноне ки касе ки аҳволи башарро дар ибодатҳояшон имтиҳон кардааст, медонад, ки дуо ҳамон ибодати ҳақиқии фитриест, ки онро эътиқоди устувор аз чуқуриҳои нафс бармеангезад ва хоссатан дар вақти сахтӣ.

---

[1] Тахриҷаш ( ) гузашт.

Ва аммо ғайри дуо аз ибодатҳо дар ҳамаи динҳо, пас ҳамааш ё бештараш таълимию таклифӣ[1] аст, ба таклиф ва пешво карда мешавад ва гоҳо дар ғолиб аз шуъуре, ки ба он қавл ё амал ибодат мешавад, холӣ аст ва он шуъур ба султаи ғайбӣ аст, ки он аз паси асбоби одӣ аст, оё намебинӣ, ки ҳофизи дуоҳои доимӣ забонашро ҳаракат медиҳад ва қалбаш ба чизи дигаре машғул аст[2]. Ва албатта ибодат, ибодати ҷиддӣ дар дуоест, ки бар забон аз таги дил мебарояд ва ин дуои холис аст, ки онро бузургии ихлос фаро мегирад.

❁ ❁ ❁ ❁ ❁

---

[1] Ва баъзеи он фитрии ҷибиллӣ (табиӣ) аст, ҳамчуноне ки зоҳир аст!

[2] Ва монанди он касе ки тасбеҳро мебардорад ва он навпайдо аст, ба он дар маҷлиси омма тақ-тақ мекунад, ё ҳатто дар хутбаи ҷумъа!!!

## (11)

Ҳаргоҳ он чиро зикр кардем, донистӣ, пас бидон, ки мушриконеро, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба сӯи имон даъват кард, ба тавҳиди рубубият эътироф доштанд, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло дар китобаш баён кард ва ин тавҳид онҳоро дар Ислом дохил накард, балки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам бо онҳо ҷангид, то ки ба тавҳиди улуҳият[1] эътироф кунанд ва он маънои: "Ло илоҳа иллаллоҳ" аст.

Ва мақсад аз ин калима маънои он аст, на муҷарради лафзи он. Ва кофирони ҷоҳил медонистанд, ки мақсади Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ин калима ҳамон Аллоҳ таъолоро ягона ибодат кардан ва безорӣ ҷустан аз чизе ки ҷуз Аллоҳ парастида мешавад ва ба он кофир шудан аст. Вақте Паёмбар барои онҳо гуфт: **"Ло илоҳа иллаллоҳ гуед"**.[2] Гуфтанд:

---

[1] Ҳамчуноне ки дар фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст: "Амр шудам, ки бо мардум биҷангам, то ки шоҳиди диҳанд, ки маъбуди ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст...". Инро Бухорӣ (3/262) ва Муслим (1/51) аз Абӯҳурайра ривоят карданд ва он ҳадиси мутавотир аст, ҳамчуноне ки Катонӣ дар "Назм-ул-мутаносир" (9) гуфтааст.

[2] Ва давоми он: "...наҷот меёбед"! Инро Бухорӣ дар "Халқу афъол-ил-ибод" (8) ва Ибни Муборак дар "Зуҳд" (1164) ва Ибни Ҳиббон (1683-Маворид) ва Доруқутнӣ (3/44) ва Ҳоким (2/611) ба санади ҳасан аз Ториқ ибни Абдуллоҳи ал-Муҳорибӣ ривоят карданд ва низ аз Рабиъа ибни Убод ва Мудрик разияллоҳу анҳумо омадааст.

﴿ أَجَعَلَ ٱلْءَالِهَةَ إِلَٰهًا وَٰحِدًاۖ إِنَّ هَٰذَا لَشَيْءٌ عُجَابٌ ۝٥ ﴾ ص: ٥ **"Оё ҳамаи маъбудонро як маъбуд қарор додааст. Албатта ин чизи аҷибе аст"**. (Сураи Сод, ояти: 5)[1]

Ва донистӣ, ки кофирони ҷоҳил маънои инро медонанд, пас аҷаб аз касе ки иддиои Ислом дорад ва тафсири ин калимаро намедонад, он чиро ки кофирони ҷоҳил донистанд, балки гумон мекунад, ки он талаффуз кардани ҳарфҳои он бе эътиқоди қалб барои чизе аз маъноҳои он аст ва моҳири онҳо гумон мекунад, ки маънояш: Халқ намекунад ва ризқ намедиҳад, магар Аллоҳ ва амрро идора намекунад, магар Аллоҳ!! Пас дар марде ки кофирони ҷоҳил аз ӯ дида ба маънои ло илоҳа иллаллоҳ донотар аст, хайре нест.[2]

Ва Аллоҳ таъоло дар китобаш зикр кард, ки мушрикон ба рубубият эътироф доштанд ва онҳоро ба сабаби тааллуқашон ба малоика, анбиё ва авлиё бо гуфтаашон:

﴿ هَٰٓؤُلَآءِ شُفَعَٰٓؤُنَا عِندَ ٱللَّهِ ﴾ يونس: ١٨ **"Инҳо шафоатгарони мо дар пеши Аллоҳ ҳастанд"**, (сураи Юнус, ояти: 18) кофир ҳукм кард. Ва ин амри муҳками ошкор аст, ягон кас наметавонад, маънои онро тағйир диҳад.

Ва Аллоҳ таъоло фармуд:

---

[1] Ва "ад-Дурр-ул-мансур" (7/146-Т,2)-ро назар кун!

[2] Дар ин назари ошкор аст, зеро талаффузи ло илоҳа иллаллоҳ аз рӯи фармонбардорӣ кардан хело бузург аст ва он ба яқини гӯяндаи он муфид аст, ҳамонгуна ки дар ҳадиси "соҳиби битоқа" машҳур аст ва ғайри он.

﴿قُلۡ يَٰٓأَهۡلَ ٱلۡكِتَٰبِ تَعَالَوۡاْ إِلَىٰ كَلِمَةٖ سَوَآءِۭ بَيۡنَنَا وَبَيۡنَكُمۡ أَلَّا نَعۡبُدَ إِلَّا ٱللَّهَ وَلَا نُشۡرِكَ بِهِۦ شَيۡـٔٗا وَلَا يَتَّخِذَ بَعۡضُنَا بَعۡضًا أَرۡبَابٗا مِّن دُونِ ٱللَّهِ﴾ آل عمران: ٦٤

**"Бигӯ: Эй аҳли китоб! Биёед ба сӯи сухане ки миёни мо ва шумо яксон аст, ки ҷуз Аллоҳро напарастем ва чизеро шарики Ӯ насозем, баъзе аз мо баъзе дигарро ба ҷои Аллоҳ ба худоӣ нагирад"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 64) то охири оят.

Аллоҳ паёмбарашро амр кард, ки аҳли китобро ба сӯи маънои ло илоҳа иллаллоҳ, ки араб ва ғайрашонро ба сӯи он даъват кард, даъват намояд. Ва калима ҳамон калимаи ло илоҳа иллаллоҳ аст, пас онро ба фармудааш: Ин ки напарастем, магар Аллоҳро тафсир кард. Пас фармудаи Ӯ: ﴿أَلَّا نَعۡبُدَ﴾ **"Ин ки напарастем"** дар ин маънои (ло илоҳа) аст ва он нафй ибодат аз ғайри Аллоҳ таъолост ва ﴿إِلَّا ٱللَّهَ﴾ (ҷуз Аллоҳ) ҳамон истисношуда дар калимаи тақво ва ихлос аст.

Ва монанди ин оят бисёр аст, ки баён мекунад, ки илоҳият ҳамон ибодат аст ва ин ки чизе аз он барои ғайри Аллоҳ салоҳият надорад:

﴿وَقَضَىٰ رَبُّكَ أَلَّا تَعۡبُدُوٓاْ إِلَّآ إِيَّاهُ﴾ الإسراء: ٢٣ **"Ва Парвардигорат ҳукм кардааст, ки ҷуз Ӯро напарастед"**. (Сураи Исро, ояти: 23).

Ва ин тавҳиди ибодат аст ва он даъвати ҳамаи расулон аст, чун барои қавмашон гуфтанд:

﴿أَنِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ مَا لَكُم مِّنۡ إِلَٰهٍ غَيۡرُهُۥٓ﴾ المؤمنون: ٣٢ **"Аллоҳро бипарастед, ки ҷуз Ӯ маъбуде барои шумо нест"**. (Сураи Мӯъминун, ояти: 32)

Пас аввал нафйи ширк аз ибодат ва аз он безорӣ ҷустан зарурӣ аст ва Иброҳим алайҳис салом ин корро кард:

﴿وَإِذۡ قَالَ إِبۡرَٰهِيمُ لِأَبِيهِ وَقَوۡمِهِۦٓ إِنَّنِي بَرَآءٞ مِّمَّا تَعۡبُدُونَ ٢٦ إِلَّا ٱلَّذِي فَطَرَنِي﴾ الزخرف: ٢٦ – ٢٧

**"Ва (ба ёд ор) ҳангоме ки Иброҳим ба падараш ва қавмаш гуфт: Албатта ман аз он чи мепарастед, безорам, магар он касе ки маро офаридааст"**. (Сураи Зухруф, ояти: 26-27).

Ва:

﴿قَدۡ كَانَتۡ لَكُمۡ أُسۡوَةٌ حَسَنَةٞ فِيٓ إِبۡرَٰهِيمَ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ إِذۡ قَالُواْ لِقَوۡمِهِمۡ إِنَّا بُرَءَٰٓؤُاْ مِنكُمۡ وَمِمَّا تَعۡبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ كَفَرۡنَا بِكُمۡ وَبَدَا بَيۡنَنَا وَبَيۡنَكُمُ ٱلۡعَدَٰوَةُ وَٱلۡبَغۡضَآءُ أَبَدًا حَتَّىٰ تُؤۡمِنُواْ بِٱللَّهِ وَحۡدَهُۥٓ﴾ الممتحنة: ٤

**"Яқинан барои шумо сармашқи хубе дар (зиндагӣ) Иброҳим ва касоне ки бо ӯ буданд вуҷуд дорад, онгоҳ ки ба қавми худ гуфтанд: Мо аз шумо ва аз он чи ғайр аз Аллоҳ мепарастед безорем. Ба шумо кофир (ва мункир) шудаем. Ва миёни мо ва шумо барои ҳамеша**

**адоват ва душмании ошкор шудааст, то ин ки ба Аллоҳи ягона имон оваред"**. (Сураи Мумтаҳина, ояти: 4)

Асли дини Ислом ҳамон ибодати Аллоҳи ягона аст, ки Ӯро шарике нест ва бар ин ташвиқ кардан аст.

Пас касе ло илоҳа иллаллоҳ гӯяд ва бо ҳамроҳи ин ширки акбар кунад, монанди майит ва ғоибҳоро ба дуо хондан ва аз онон баровардани ҳоҷатҳо ва кушоиши душвориҳоро пурсидан ва ба сӯи онон ба назр ва қурбониҳо наздикӣ ҷустан, пас ин хоҳад нахоҳад мушрик аст.[1]

Зеро таҳқиқи ҳақ ин аст, ки маънои куллии ҷомеъ барои ҳар он чизе ки дар таърифи ибодат зикр шуд, ин аст, ки ибодат ҳар амале аз амалҳои қалб, забон ва аъзои бадан аст, ки онро наздикӣ меҳисобад барои касе ки болои дарки ақл султони ғайбӣ дорад, муқайяд ба асбоби мусаххаршуда барои мардум нест, пас метавонад, бе асбобе, ки мардум ба он асбоб ба якдигар фоида ва зарар мерасонанд, фоида ё зарар расонад.

Ва илоҳи маъбуд ҳамон соҳиби ин султони ғайбӣ аст, хоҳ барои ӯ аз зоташ барои зоташ бошад ва Ӯ Парвардигори ҳамаи оламиён аст ва Ӯ маъбуди ҳақ аст, ё барои ӯ аз наздикии ӯ ба Парвардигори таъоло эътиқод дорад ва таъсири ӯро дар иродааш ба ҳайсе ки Парвардигор ба

---

[1] Ба қайди маърифат ва илм, ҳамчуноне ки (дар саҳ:    , рақами: 8) аз рӯи таълиқ гузашт ва боз ба сухани Шайхи Ислом Ибни Таймия дар "Маҷмӯъат-ут-тавҳид" (саҳ:36) наздик кун!

хотири ӯ мекунад, ё ӯро имкони феъл додааст ва ин маъбуди ботил аст, чаро ки Парвардигор дар феълаш касеро шарик намесозад ва на дар ҳукмаш.

Ба Ҳасани Басрӣ раҳимаҳуллоҳу таъоло гуфта шуд: Мардум мегӯянд: Касе ло илоҳа иллаллоҳ гӯяд, дохили Ҷаннат мешавад? Гуфт: Касе ло илоҳа иллаллоҳ гӯяд, пас ҳақ ва фарзҳои онро баҷо орад, дохили Ҷаннат мешавад.

Ва бештари касоне ки ло илоҳа иллаллоҳ мегӯянд, онро аз рӯи тақлид мегӯянд ва хушнудии имон дар қалбаш омехта нашудааст, пас он чиро нафй мекунад ва чиро исбот мекунад, намедонад. Ва касе инро надонад, бар ӯ тарс бурда мешавад, ки дар вақти вафот аз он гардонда мешавад ва дар қабрҳо монанди инҳо мегӯянд, ҳамчуноне ки дар ҳадиси саҳеҳ[1] омадааст: **"Мардумро шунидам, ки чизе мегуфтанд, пас онро гуфтам"** то охири ҳадис.

Ҳофиз Зайнуддин Абдурраҳмон ибни Раҷаб гуфт: Ва касе маънои ло илоҳа иллаллоҳро дар қалбаш таҳқиқ кунад, пас аломаташ ин аст, ки қалбаш ғайри Аллоҳро аз рӯи дӯст доштан ва умед ва тарс ва таваккул ва истионат ва хузӯъ ва инобат ва талаб напарастад ва таҳқиқ кардани ӯ ба ин ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст,

[1] Порчае аз ҳадиси Баро ибни Озиб аст, ки тулонӣ аст, онро Абӯдовуд (2/281) ва Ҳоким (1/37) ва Таёлисӣ (753) ва Аҳмад (4/287 ва 288) ва Оҷурӣ дар "Шариат" (363) ривоят карданд ва он ҳадиси саҳеҳ аст.

саллаллоҳу алайҳи ва саллам ин аст ки Аллоҳро ба ҷуз шариате, ки бар забони Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам шаръ намудааст, парастида нашавад. Ин маъно ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам нисбат дода шуда омадааст, ки Ӯ фармуд: **"Касе аз рӯи ихлос ло илоҳа иллаллоҳ гӯяд, дохили Ҷаннат мешавад. Гуфта шуд: Эй Расулуллоҳ, ихлоси он чист? Фармуд: Туро аз он чизе ки Аллоҳ бар ту ҳаром гардондааст, боз дорад"**.

Барои ин бар ҳавову ҳаваси пайравшуда илоҳ гуфта шуд, Аллоҳ таъоло фармуд: ﴿ أَفَرَءَيْتَ مَنِ ٱتَّخَذَ إِلَٰهَهُۥ هَوَىٰهُ ﴾ الجاثية: ٢٣ **"Оё дидӣ касеро ки маъбуди худро ҳавои (нафсонии) худ қарор дод"**. (Сураи Ҷосия, ояти: 23)

Ва барои ин бар бисёри гуноҳоне ки сарчашмаи он аз пайравии ҳавои нафс, ё тоати ғайри Аллоҳ[1], ё монанди ин аст, ширк гуфта шуд. Дар ҳадис омадааст, ки **"Бандаи динор ва бандаи дирҳам ҳалок ва ноумед шуд"**.[2]

Ва касоне ки қавли: Ло илоҳа иллаллоҳро таҳқиқ карданд, пас онон бандагони Раҳмон ҳастанд, ки Аллоҳ дар шаъни онон фармуд: ﴿ إِنَّ عِبَادِى لَيْسَ لَكَ عَلَيْهِمْ سُلْطَٰنٌ ﴾ الحجر: ٤٢ **"Яқинан туро бар бандагонам тасаллуте нест"**. (Сураи

[1] Дар ин назар аст, "ас-Салоту ва ҳукму торикиҳо" (саҳ: 23-29)-и Ибни Қайимро назар кун.

[2] Инро Бухорӣ (6/81) ва Ибни Моҷа (4135) ва Бағавӣ (4059) аз Абӯҳурайра ривоят карданд.

Ҳиҷр, ояти: 42) Эй Аллоҳ моро аз ҷумлаи онон ба фазлу миннатат бигардон.

Бидон, ки қасди мушрикон таъзими Аллоҳ таъолост ва ин ки барои азамати Ӯ, дохил шудан бар Ӯ лоиқ намебошад, магар ба воситаҳо ва шафоатгарон, монанди ҳоли подшоҳон, пас мушрик паст задани ҷаноби Парвардигори ҷалла ҷалолуҳуро қасд надорад ва албатта ба мувофиқи гумонаш таъзими Ӯро қасд дорад ва гуфт: Албатта ин воситаҳоро ибодат мекунам, то маро ба Аллоҳ наздик созад ва бар назди Ӯ маро дохил намояд, пас мақсад ин аст ва инҳо василаҳо ва шафоатгарон ҳастанд.

❁ ❁ ❁ ❁ ❁

## (12)

Сипас ин ки ширк ду навъ аст:

Ширке ки ба зоти маъбуд ва номҳову сифатҳо ва феълҳои Ӯ тааллуқ дорад.

Ва ширке ки дар ибодаташ ва муомалаи Ӯст ва агарчи соҳибаш эътиқод кунад, ки Ӯ субҳонаҳу дар зот ва сифатҳо ва феълҳояш шарик надорад.

Ин ғолибан аз касе содир мешавад, ки эътиқод дорад, ки "нест маъбуди ҳақ ба ҷуз Аллоҳ" ва ҳоли бештари мардум инчунин аст. Ва он ширке аст, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар шаъни он фармуд: **"Ширк дар ин уммат аз ҳаракати мурча пӯшидатар аст. Гуфта шуд: Эй Расулуллоҳ, пас аз он чигуна наҷот меёбем?! Фармуд: Бигӯ, эй Аллоҳ ман ба Ту паноҳ мебарам аз ин ки ба Ту ширк биёрам ва ман онро медонам ва аз Ту талаби мағфират мекунам, аз оне ки намедонам"**. Ибни Ҳиббон дар Саҳеҳаш ривоят кардааст.[1]

[1] Инро дар Саҳеҳаш надидам ва албатта он дар "ал-Маҷруҳин" (3/130)-и ӯст. Ва онро заиф гуфтааст! Ва инро Ибни Суннӣ дар "Амал-ул-явми ва-л-лайла" рақами: 281 ва Марвазӣ дар Муснади Абӯбакр (17) ва (18) ва Абӯяъло дар "Муснадаш" (58) ва (59) ва (60) ва Абӯнуъайм дар "ал-Ҳуля" (7/112) ба монанди ин ривоят кардаанд. Ва онро Сиютӣ дар "ад-Дур" (4/54) оварда ва онро ба Ибни Мунзир ва Ибни Абӯҳотим нисбат додааст ва дар санадаш заъф аст. Ва шоҳид аз Абӯмусо дар назди Аҳмад дар "Муснадаш" (4/403) дорад ва онро Ҳайсамӣ дар "ал-Маҷмаъ" (10/223) зикр кардааст. Ва гуфт: Инро Аҳмад ва Табаронӣ дар "ал-Кабир" ва "Авсат" ривоят карданд ва ровиёни Аҳмад ровиёни саҳеҳ аст, ба ҷуз Абӯалӣ ва ӯро Ибни Ҳиббон мӯътабар гуфтааст". Ва шоҳиди дигар аз Оиша дар "ал-Ҳуля" (8/368) ва аз Ибни Аббос (3/36) низ дар "ал-Ҳуля" аст. Пас он иншоаллоҳ ҳасан аст.

Шайх Аҳмади Сарҳандӣ[1] дар мактуби сеюм аз ҷилди сеюми "Мактубот"-аш гуфт: "Ло илоҳа иллаллоҳ, ягон кас мустаҳиққи улуҳият ва маъбудият нест ба ҷуз Аллоҳе ки барои Ӯ назир нест. Пас мустаҳиққи ибодат, ки он иборат аз камоли хорӣ ва хузӯъ ва шикастанафсӣ аст, барои касе собит аст, ки ҳамаи камолот аз Ӯст ва аз Ӯ ҳамаи нуқсонҳо салбшуда аст ва ҳамаи олам ва ашё дар вуҷуд ва тобеъҳои вуҷуд ба Ӯ эҳтиёҷ доранд ва Ӯ аслан дар коре ба чизе эҳтиёҷ надорад. Ва Ӯ зараррасон ва нафъовар аст. Ягон чиз қудрати расондани зарар ё фоидаро ба касе беиҷозати Ӯ надорад. Ва дар ибодати Ӯ ҷалла ва ало ба маҳзи ваҳм бурдан ширк овардан ниҳояти хорӣ ва зиён аст.

Пас ба такрори ло илоҳа иллаллоҳ шарики воҷиб-ал-вуҷуд (Аллоҳ) ва шарики шоистаи ибодатро нафй кардан сазовор мебошад, балки муҳимтар дуюм аст, нафй кардани шарики шоистаи ибодат, ки махсус ба даъвати расулон алайҳимус салавоту ва-т-таслимот аст.

Пас мухолифон низ шарики воҷиб-ал-вуҷудро ба далелҳои ақлӣ нафй мекунанд ва локин онҳо аз муомалаи шоистаи ибодат будан ғофил ҳастанд, аз ибодати ғайри Ӯ дурӣ намеҷӯянд. Ва мушрик дар забони анбиё касест, ки

[1] Соли вафоташ (1034 ҳиҷрӣ) ва шайх Абӯлҳасани Надавӣ раҳимаҳуллоҳ дар китоби мустақил танҳо тарҷумаи ҳоли ӯро навистааст. Дар Дор-ул-қалам, Кувайт чоп шудааст.

асири ибодати ғайри Ҳақ субҳонаҳу мебошад. Пас касе гуфтаи анбиёро, яъне шоистаи ибодат буданро аз ғайри Аллоҳ таъоло нафй накунад, аз ширк халос намешавад ва аз шохаҳои ширки ибодати олиҳаҳои офоқӣ ва нафсӣ наҷот намеёбад ва мақсад аз фиристодани расулон салавотуллоҳи ва саломуҳу алайҳим ҳамон аст. Ва гуфтанд: Ҳар он чи ки мақсади туст, маъбуди туст, пас маънои ло илоҳа иллаллоҳ, мақсаде ҷуз Аллоҳ нест, ҳамчуноне ки маъбуди ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва Парвардигоре ҷуз Аллоҳ нест.

Ва дар мактуби ҳабдаҳум аз ҷилди сеюм низ (гуфт): Аллоҳ ҳамон офаридгор, парвардигор, неъматдиҳанда аст, пас бар банда шукр ва ибодат воҷиб мебошад ва локин воҷиб аст, ки шукр ва дуо дар доираи шариат аз рӯи қалбу қолаб ва эътиқоду амал бошад ва ҳар таъзим ва ибодате барои Ӯ ба ғайри шариат бошад, он қобили эътимод нест, балки бисёр вақт ҳосилгари зидҳо мебошад. Ва некӣ ваҳмбурда дар ҳақиқат бадӣ мебошад. Пас адои шукри Ӯ таъоло бешариат мутаазир аст. Ва шариат ду ҷузъ дорад: Эътиқодӣ ва амалӣ.

Эътиқодӣ: Усули дин.

Ва амалӣ: Фаръҳои он аст.

Ва шахси беэътиқод аз аҳли наҷот нест ва шахси беамал амраш ба машийяти Аллоҳ азза ва ҷалла супорида меша-вад, пас шарти дурустии имон чизеро ба Аллоҳ

таъоло шарик наовардан аст, на дар воҷиб-ал-вуҷуд ва на дар шоистаи ибодат будан. Ва касе амалаш аз олудагиҳои риё ва овоза пок набошад ва ҷои гумони аҷр аз ғайри Аллоҳ таъоло бошад ва агарчи ба қавл ва зикри ҷамил бошад, пас ӯ аз доираи ширк хориҷ намебошад ва на ӯ яктопарасти холис аст ва барои таъзими маросими ширк ва  мавсимҳои куфр ҳамааш қадами устувор дар ширк аст ва тасдиқкунандаи ду дин аз аҳли ширк аст ва пойбанд ба маҷмӯи аҳкоми Ислом ва куфр мушрик аст.

Ва аз куфр безорӣ ҷустан шарти Ислом аст ва аз олудагии ширк дурӣ ҷустан тавҳид аст ва аз бутҳо, тоғутҳо (арвоҳҳо ва мурдагон) дар бартараф кардани дарду беморӣ, ҳамонгуна ки дар байни ҷоҳилони Ислом мунташир аст, айни ширку залолат аст, пас аз ҷое ки эҳсос намекунанд, кофир мешаванд. Ва назр кардани ҳайвон барои шайхҳо ва дар назди қабрҳои онҳо куштан дар ширк дохил аст. Ва шарик гардондани касе ба Аллоҳ таъоло дар ибодате аз ибодатҳо ҷоиз намебошад ва аз ғайри Аллоҳ ҳоҷатҳо талаб кардан айни гумроҳӣ ва ташвиқи шайтони раҷим аст...то охир суханаш.

Маъсумӣ мегӯяд: Дар ин мақола чӣ хуб гуфтааст ва дар инҷо ба ҳаққи ошкор омадааст, ки баъди он ҷуз гумроҳӣ нест ва локин ӯ дар бисёри мавзеъҳо аз рӯи тақлиди шайхҳояш ва ҳифзи шуъуни тариқаташ хато карда ва сабаби хато гашта, балки сабаби гумроҳии бисёри касоне

ки ӯро баъдаш аз аҳли тариқаташ пайравӣ карданд, гаштааст, монанди мадад хостанаш аз арвоҳи шайхҳояш ва руҳонияти гузаштагонаш ва муридонашро ба зикри лафзи муфрад: Аллоҳ-Аллоҳ амр карданаш.[1]

Ва ба муроқаба ва муробитаи сурати шайх дар хаёл ва қалбаш амр кард ва латифаҳои панҷгона: Қалб, рӯҳ, сир, хафӣ ва ахфоро ихтироъ карданаш ва муридро ба лозим гирифтани зикри хос ба ҳар кадоми он ва ғайр аз ин аз ботилҳое, ки ман онро дар китобам "Авзаҳ-ул-бурҳон фи тафсири Умм-ил-Қуръон"[2] баён кардам. Пас агар таҳқиқ-ро бихоҳӣ, онро лозим бигир ва тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.

Пас ошкоро собит шуд, ки ло илоҳа иллаллоҳ калиди Ҷаннат ва калиди Дори салом аст, локин ба шарте ки холису содиқона бошад.

Пас аввалан аз ҳамаи олиҳаҳои офоқӣ ва нафсонӣ куфр варзидан ва безорӣ ҷустан зарур аст.

Сипас исбот кардани Аллоҳи воҳиди аҳад, ки маъбуди ҳақ аст ва муҳимтарин чизе ки ин калима нафй кард шоистагии ибодатро аз ғайри Аллоҳ ба таври куллӣ нафй кард ва ба хотири ин расулон фиристода шуд ва шамшерҳо аз ғилоф кашида шуд ва аз лавозими он ба ҳамаи он чизе ки Муҳаммад Расулуллоҳ ба он омадааст, ки аз

---

[1] Таълиқи гузашта дар рақами (саҳ: )-ро назар кун!

[2] Сухан оиди он гузашт.

муқтазои ин калима аст, бе тағйир ва бе зиёд кардан амал кардан аст.

Пас аз ҷумлаи нафйшуда рубубият ва офаридгорӣ аст, пас парвардигоре ҷуз Аллоҳ нест ва офаридгоре ҷуз Аллоҳ нест. Пас касе эътиқод кунад, ки малоика ё арвоҳ ба султаи ғайбӣ тарбия мекунад, пас ба Аллоҳ дар рубубият ва офаридгорӣ ширк овардааст, ҳамонгуна ки ҳоли бисёри ҷоҳилони қабрпараст ва аҳли тариқаҳост.

Ва аз ҷумлаи нафйшуда қудрат аст, пас барои ягон кас қудрат ва тавоноӣ аслан нест, пас тавоное ҷуз Аллоҳ нест ва касе қудрат надорад, магар ба ёрии Аллоҳ, пас қуввати бозгаштан аз гуноҳ ва қуввати ибодат кардан нест, магар ба ёрии Аллоҳ, пас касе эътиқод кунад, ки малоика ё арвоҳ бар чизе ба нафсаш қудрат дорад, пас ба Аллоҳ дар сифати қудрат ва тавоноӣ ширк овардааст.

Ва аз ҷумлаи нафйшуда: Дар коинот тасарруф кардан ва зинда гардонидан ва миронидан аст, пас дар коинот тасарруфкунандае ҷуз Аллоҳ нест ва зиндкунандае ҷуз Аллоҳ нест ва миронандае ҷуз Аллоҳ нест, пас касе эътиқод кунад, ки малоика ё арвоҳ дар коинот тасарруф мекунад ё зинда мегардонад ё мемиронад, пас ба Аллоҳ ширк овардааст.

Ва аз ҷумлаи нафйшуда: Ҳукм ва ҳалолу ҳаром гардондан аст, пас ҳокими ҳақ ҳамон Аллоҳи ягона аст ва қонунгузорӣ ягона аст ва Ӯ ҳалолгардонандаи ягона аст

ва Ӯ ҳаромгардонандаи ягона аст, пас ҳокиме ҷуз Аллоҳ нест ва қонунгузоре ҷуз Аллоҳ нест ва ҳалолгардонандае ҷуз Аллоҳ нест ва ҳаромгардонандае ҷуз Аллоҳ нест, пас касе чизеро ҳалол ҳукм кунад, ки Аллоҳ онро ҳалол нагардондааст ё ба ҳаром будани чизе ҳукм кунад, ки Аллоҳ онро ҳаром нагардондааст ё қонуне содир кунад, ки Аллоҳ ба он иҷозат надодааст, пас ба Аллоҳ ширк оварда аст.[1]

Ва аз ҷумлаи нафйшуда: Ибодат ва маъбудӣ аст. Ин асле аст, ки ин калима ба хотири он нозил карда шуд ва расулон ба хотири он фиристода шуданд, пас маъбуди ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва дар ҳақиқат ба ягон навъе аз анвои ибодат парастида намешавад, магар Аллоҳ.

Хулоса: Дин комил ва тамом карда шуд ва ба камоли баён аз ҷониби Расулуллоҳ, ки ба сӯи ҳамаи халқ аз инсу ҷинн ба ҳақ ва ҳидоят фиристода шуд, баён карда шуд, пас бар ин зиёд кардан чӣ қадар гумроҳӣ ва зиён аст. Ва ин ҳамон маънои ло илоҳа иллаллоҳ аст, пас касе онро даҳонакӣ гӯяд ва локин маънои онро тағйир диҳад ва тафсири онро фосид кунад ва ғайри Аллоҳро парастад, пас туҳмат задааст, пас шакке нест, ки он аз аҳли зиён мегардад, пас огоҳ шав!.

[1] Агар инро ҳалол шуморида кунад ё афзал буданашро бар шариати Аллоҳ эътиқод кунад ё ҷуз ин аз анвои куфр, ки дар назди олимон маъруф аст, ҳамонгуна ки шореҳи Таҳовӣ раҳимаҳуллоҳ бо тафсил баён кардааст.

## (13)

Ва аз комил кардани ло илоҳа иллаллоҳ ва пурра кардани шарҳи ин калима, номҳои накӯи Аллоҳ аст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд: **"Албатта барои Аллоҳ таъоло наваду нуҳ ном аст, як кам сад, касе онҳоро бишуморад, дохили Ҷаннат мешавад"**.[1] Яъне касе онҳоро дар ҳоле ки маънои онҳоро медонад ва ба нутқшуда ва фаҳмидашудаи он имон дорад ва маънои онро эътиқод дорад, баҷо орад, дохили Ҷаннат мешавад.

Чаро ки ин шахс мӯъмини яктопараст ва доно ба сифатҳои Аллоҳ азза ва ҷалла мебошад ва сифати касе чунин бошад, пас шакке нест, ки ӯ аз аҳли Ҷаннат аст, чаро ки Ӯ ҷуз Аллоҳро намепарастад ва ҷуз Аллоҳро дуо намекунад ва ҷуз Аллоҳро намепурсад ва ҷуз Аллоҳ аз касе умед намекунад ва ҷуз Аллоҳ аз касе наметарсад ва эътимод намекунад ва таваккул намекунад, магар бар Аллоҳ ва Аллоҳро ҳамеша бо ҳамроҳаш[2] шунаво, бино,

---

[1] Инро Бухорӣ (13/377) ва Муслим (4/2062) аз Абӯҳурайра ривоят карданд. Ва муфид аст, ки огоҳ кунам, ки ривояти дигаре барои ҳадис аст, дар он ин наваду нуҳ номро шуморида аст, локин он аз ҷиҳати санад собит нест, бо вуҷуди машҳур буданаш дар назди аҳли даъват ва илм, пас онро бо зиёдатӣ Тирмизӣ (3507) ва Ибни Ҳиббон (2384) ва Ҳоким (1/16) ва Байҳақӣ (10/27) ва Бағавӣ (5/32) ривоят карданд ва онро Шайхи Ислом дар Маҷмӯъ-ул-фатово (22/482) заиф гуфт. Ва Ҳофиз дар "ал-Фатҳ" (11/215) зикр кард, ки иллати ҳадис ҳамон ихтилофи дар он ва эҳтимоли тадлис ва идроҷро дорад. Ва онро низ Ибни Ҳазм дар "ал-Муҳалло" (8/31) заиф гуфт. Ва Тафсири Ибни Касир (2/269)-ро назар кун!

[2] Ҳамроҳии илм ва ҳифз медонад.

назоратгар, иҷобаткун мебинад ва Ӯро намепарастад, магар ба чизе ки онро шаръ сохтааст.

Пас ин мӯъмини мухлис аст, ки Аллоҳ таъоло ӯро аз васвасаҳои шайтон ҳифз мекунад, балки шайтон наметавонад, ки ӯро каҷ ва гумроҳ кунад, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло дар китобаш аз ӯ хабар додааст:

﴿لَأُغْوِيَنَّهُمْ أَجْمَعِينَ ﴿٨٢﴾ إِلَّا عِبَادَكَ مِنْهُمُ ٱلْمُخْلَصِينَ ﴿٨٣﴾﴾ ص: ٨٢ – ٨٣

**"Ҳамаи онҳоро гумроҳ хоҳам кард, магар аз миёни онҳо бандагони мухлиси Туро"**. (Сураи Сод, ояти: 82-83)

﴿إِنَّ عِبَادِى لَيْسَ لَكَ عَلَيْهِمْ سُلْطَٰنٌ ۚ وَكَفَىٰ بِرَبِّكَ وَكِيلًا ﴿٦٥﴾﴾ الإسراء: ٦٥

**"Албатта ту ҳаргиз бар бандагони Ман султа нахоҳӣ дошт ва Парвардигори ту барои нигаҳбонии онҳо кофӣ аст"**. (Сураи Исро, ояти: 65)

Ва дар сураи Наҳл фармуд:

﴿إِنَّهُۥ لَيْسَ لَهُۥ سُلْطَٰنٌ عَلَى ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَلَىٰ رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ ﴿٩٩﴾ إِنَّمَا سُلْطَٰنُهُۥ عَلَى
ٱلَّذِينَ يَتَوَلَّوْنَهُۥ وَٱلَّذِينَ هُم بِهِۦ مُشْرِكُونَ ﴿١٠٠﴾﴾ النحل: ٩٩ – ١٠٠

**"Албатта ӯ бар касоне ки имон овардаанд ва бар Парвардигорашон таваккул мекунанд (ҳеҷ) тасаллуте надорад. Тасаллути ӯ танҳо бар касоне аст ки ӯро ба дӯстӣ (ва сарпарастии) худ интихоб кардаанд ва касоне ки (ба пайравӣ аз вай) ба Ӯ (Аллоҳ) ширк меварзанд"**. (Сураи Наҳл, ояти: 99-100)

Пас Туро мепурсем, эй Аллоҳ, ки моро аз шарри шайтонҳо, шайтонҳои инс ва ҷин ва васвасаи онҳо ҳифз намоӣ ва ба фазлу миннат ва карамат моро паноҳ диҳӣ, пас қуввати аз гуноҳ гаштан ва қуввати тоат кардан нест, магар ба ёрии Ту, эй Аллоҳ, эй тағйирдиҳандаи қалбҳо қалби маро дар динат собит гардон.

Парвардигори мо, дилҳои моро баъд аз он ки моро ҳидоят кардӣ (аз роҳи ҳақ) каҷ магардон ва аз сӯи Худ раҳмате бар мо бибахш, ба ростӣ ки Ту бахшандаӣ.

Ҷамъорандаи  ин варақчаҳо Абӯабдулкарим Муҳаммадсултони Маъсумии Хуҷандӣ аз рӯи зодгоҳ ва Маккӣ аз рӯи ҳиҷрат ва ватан:

Ман аз навистани он чи Аллоҳ таъоло аз шарҳи ло илоҳа иллаллоҳ калиди Ҷаннат аст, илҳом кард фориғ шудам.

Пас аз Аллоҳ таъоло мепурсам ки маро бар ин калима бимиронад ва онро вирди ман, тушаи ман ва ғизои дилу руҳи ман гардонад ва маро ба амал ва эътиқод кардан ба муқтазои он бетабдил ва бетаҳриф муваффақ гардонад.

Парвардигори мо, агар фаромуш ё хато кардем, моро муохаза накун, Парвардигори мо бори гаронро бар мо магузор, чуноне ки онро бар касоне ки пеш аз мо будан гузоштӣ, Парвардигори мо, он чиро ки тоқати бардошти онро надорем, бар мо магузор ва моро биёмурз ва ба мо

раҳм кун. Ту мавло ва сарвари мо ҳастӣ, пас моро бар гурӯҳи кофирон пирӯз гардон.

Ин, пас аз баромадани офтоби рӯзи душанбе, бисту ҳафтуми моҳи сафари соли 1363 дар ҳавлии худам, дар Зақоқи Бухорӣ, дар маҳалаи Мусаффала дар Маккаи Мукаррама, дар наздики Масҷиди Ҳаром, Аллоҳ таъоло онро то рӯзи қиёмат нигаҳ дорад, буд.

Ба ёрии Аллоҳ тамом шуд.

# Мақолаи шайх Абдуззоҳир Абӯссамҳ дар бораи китоб

## Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Бидон ки бисёри олимони салафии муосир бар ин таълиф дар вақти ҷамъ иттилоъ ёфтанд, пас онро нек шуморида ва мувофиқат карданд, монанди Раиси қозиҳо шайх Абдуллоҳ ибни Ҳасан Оли Шайх Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ва шайх Муҳаммад ибни Иброҳим Оли Шайх ва шайх Абӯссамҳ Муҳаммад Абдуззоҳир имом ва хатиби масҷиди Ҳаром ва дигарон, пас ҳамагӣ фикру ақидаи худро баён карданд, пас аз ҷумлаи ин он чизе ки онро шайх Абӯссамҳ Абдуззоҳир[1] ба дасташ нависта аст:

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Ҳамду сипос барои Аллоҳ ва салоту салом бар Расулуллоҳ Муҳаммад ва хонадони Ӯ ва ҳамсуҳбатони Ӯ ва касе ки Ӯро ёрӣ кард ва баъд:

Рисолаи устод аллома шайх Муҳаммадсултони Маъсумии Хуҷандиро, ки "Мифтоҳ-ул-Ҷаннати ло илоҳа иллаллоҳ" номида шудааст, мутолиа кардам, пас онро рисолаи боарзиши нофеъ дар тавҳид, шарҳдиҳандаи маънои ло илоҳа иллаллоҳ, ҳамонгуна ки шоиста мебошад, ёфтам.

---

[1] Соли (1370 ҳиҷрӣ) вафот кардааст, тарҷумаи ҳоли ӯ дар "ал-Аълом" (4/11)-и Зарклӣ аст.

Пас бар касоне ки насиҳатгарони нафсҳояшон ҳастанд, бар ин ва музокара ва такрори ин ҳарис бошанд.

Пас дар он оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ, ки дар мавзеъҳои бисёр пароканда буданд, ҷамъ овардааст.

Аллоҳ ҳамонанди муаллифашро зиёд намояд ва бар таълифи монанди ин ёрияш диҳад ва ба он нафъ расонад, албатта Ӯ қарибу иҷобаткунанда аст.

Ва бешак устод ба таълифи ин рисола ва рисолаи гузашта ба воҷиби насиҳат барои Аллоҳ ва расули Ӯ ва динаш ва умматаш қоим шудааст, пас Аллоҳ ӯро некӯтарин ҷазо диҳад, омин.

**Инро Абӯссамҳ Абдуззоҳир Муҳаммад**
**Имоми ҳарами Маккӣ ва хатиби он ва мудири**
**Дор-ул-ҳадис дар таърихи 3/3/1363 ҳиҷрӣ**
**навиштааст**

# Феҳрасти мавзӯъҳо

Муқаддимаи таҳқиқ.......................................................3
Гушае аз ҳаёти муаллиф раҳимаҳуллоҳ.............................5
Пешгуфтори муаллиф.....................................................9
1-Сабаби дохил шудани бидъатҳо ва ширк дар дин........13
2-Баёни камоли шариат ва ҳаром будани навоварӣ
дар дин......................................................................18
3-Далелҳои ин ки ло илоҳа иллаллоҳ
калиди Ҷаннат аст.......................................................24
4-Ҳудуди шариатро лозим гирифтан ва
дар дин зиёдарвӣ накардан...........................................30
5-Фитнаи қабрҳо ва таъзими машҳадҳо ва
мақбараҳо аз асбоби воқеъ шудани дар ширк аст..........37
6-Маънои дурусти калимаи "ло илоҳа иллаллоҳ"...........43
7-Маънои ибодат ва анвои он ва сарф кардани
чизе аз он барои ғайри Аллоҳ ҷоиз нест..........................51
8-Ихлос ва пайравӣ ҳар ду шарти қабули амал
ва таҳқиқи шаҳодати "ло илоҳа иллаллоҳу
Муҳаммад Расулуллоҳ" аст............................................58
9-Фасли муҳим ва танбеҳи муфид.....................................65
10-Маънои дурусти ибодат..............................................74
11-Тавҳиди улуҳият ҳамон маънои ҳақиқии
"ло илоҳа иллаллоҳ" аст, на тавҳиди рубубият................81
12-Баёни анвои ширк ва баёни баъзе суратҳои он..........89

13-Донои номҳои Аллоҳ ва сифатҳои Ӯ,
ба он имондор, ба далолати он амалкун
аз аҳли Ҷаннат аст..........................................................96
Мақолаи шайх Абдуззоҳир  Абӯссамҳ
дар бораи китоб...............................................................100
Феҳраст.............................................................................102

**Тарҷумаи ин китоб шаби ҷумъа, 13/8/1440 ҳиҷрӣ мувофиқи 19/4/2019 мелодӣ соати 11:58 ба ёрии Аллоҳ таъоло ба поён расид. Аз Аллоҳ таъоло масъалат дорам, ки инро дар номаи аъмолам сабт намояд.**

**✍Ба қалами: ШАҲОБИДДИН СОЛИҲ**